ПРОФЕССОР АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА 85-СОЛА ШУД с. 8

ЗАВҚИЗОДА БА ТРАМП ЭЪТИМОДНОМА СУПОРИД с. 2

ПАРВАНДА АЛАЙҲИ МУАССИСИ TELEGRAM с. 4

ТОҶИКИСТОН

№ 8 (1673), 25.02.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992



МОҲИ САХОВАТ Ё ГАРОНӢ?

Аз ҳушдори муфтӣ то ҳабси гӯштфурӯшон



ДАР ИН ШУМОРА:

ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ
Кӣ куҷо рафт? с.2

МАНЪИ НАМОЗХОНӢ
дар бинову иншооти ғайриистиқоматӣ с.5

ҲАЙАТИ ТРАМП
Чаро мардум ба дом меафтанд? с.4

ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ
Дар пойи муҷассамаи Исмоили Сомонӣ с.6

АҲМАДШОҲ МАСЪУД
Ошиқи саҳнаи набард с.11

ЎЗБЕКИСТОН
Афзоиши корхонаҳо бо сармояи Тоҷикистон с.5

КАНЗИ ШИФО
10 фоидаи рӯза ба саломатӣ с.12

ВАРЗИШ
Нишони тилои Виктор Рассадин с.15

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»

Sebiston

кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92

› **Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.**

› **Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.**

› **Сохтмон 3 сол идома меёбад.**

› **Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.**

Телефони шуъбаи фурӯш:
(+992) 122-122-122



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ ДАР МАҚОМОТ

25-уми феврал дар вазоратҳои адлия, фарҳанг, мақомоти Прокуратура, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Палатаи ҳисоб ва дигар мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти кадрӣ сурат гирифт.

Зимни суҳбат Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар назди кадрҳои навтаъин доир ба суръат бахшидан ба раванди рақамикунонӣ ва гузаштан ба пардохтҳои ғайринақдӣ, тарғибу ташвиқи фарҳанги волои миллӣ, пешгирӣ аз хурофот, мубориза бо ҷиноятқорӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои коррупсионию гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, таъмини адолати судию волоияти қонун ва муомилаи хуб бо мардум вазифаҳои мушаххас гузошт.

Ҳамин тариқ, дар асоси банди 8, моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Бобохонзода Асомуддин бо сабаби ба кори дигар гузаштан» ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда шуд.

Мутобиқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудан ва ба вазифаи муовини Раиси Палатаи ҳисоб таъин намудани Аҳмадзода Шуҳрат Аҳмад, дар бораи ба вазифаи сараудитори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Маҳмадшарифзода Парвиз Маҳмадшариф ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардиданд.

Дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сардорони як қатор раёсатҳои Прокуратураи генералӣ, прокуророни ноҳияҳои Ванҷу Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ноҳияҳои Ҳамадонӣ ва Ховалинги вилояти Хатлон, шаҳри Бӯстон, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов ва Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд, сардорони шуъбаҳои Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар як қатор шаҳру ноҳияҳои кишвар, сардорони раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои минтақаҳои Кӯлоб ва Рашт иваз карда шуданд.



ДОНАЛД ТРАМП ЭЪТИМОДНОМАИ САФИРИ ТОҶИКИСТОНРО ҚАБУЛ КАРД

ЗАВҚӢ ЗАВҚИЗОДА, САФИРИ НАВИ ТОҶИКИСТОН ДАР ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО ЭЪТИМОДНОМАИ ХУДРО БА ПРЕЗИДЕНТИ ИМА ДОНАЛД ТРАМП СУПОРИД.

Доналд Трамп сафирро ба муносибати оғози фаъолият табрик гуфта, ба ӯ дар иҷрои вазифаҳои дипломатӣ комёбиҳо орзу намуд.

Ҳамчунин, дар маросим сафир дуруду таманниёти президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро ба Доналд Трамп расонидааст ва президенти ИМА пайғоми самимии худро ба ҳамтои тоҷики худ изҳор намудааст.

Ёдовар мешавем, ки Завқӣ Завқизода қаблан вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон буд ва моҳи ноябри соли 2025 ба вазифаи сафири кишвар дар Амрико таъйин шуд.

ИСЛОҲОТ ДАР ПОЧТАИ ТОҶИК

Байни Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Тоҷикистон ва ҶДММ «Сервис и Технология» созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ оид ба татбиқи лоиҳаи «Рушди низоми почтаи Тоҷикистон: автоматикунонии раванди муросилоти почтавӣ» ба имзо расонида шуд.

Созишномаи мазкур ба рушди инфрасохтори соҳаи почта ва чорӣ намудани низоми муосири автоматикунонии раванди муросилоти почтавӣ равона гардидааст. Татбиқи лоиҳа имкон медиҳад, ки сифати хизматрасониҳои почтавӣ беҳтар шуда, равандҳои коркард, ирсол ва назорати муросилот мутобиқ ба стандартҳои муосири байналмилалӣ ба роҳ монда шаванд.

Ҳаҷми умумии сармоягузорӣ 5 миллион долларро ташкил дода, маблағгузории пурраи он аз ҳисоби шарики хусусӣ - ҶДММ «Сервис и Технология» таъмин мегардад.

САРИ САБЗ



Моҳрухсор САФИЕВА, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

- Репро кӣ бисёртар гӯш мекунад? Ҳамон шахсоне, ки мисли репсароён ҳастанд. Реп то имрӯз ягон шахсияти бузургро тарбия накардааст. Ин навъи мусиқӣ танҳо тавонист, ки дар гирду атрофаш деву дадро ҷамъ кунад. Шахсан ман онро дӯст намедорам.

- Иии, шумо репро дӯст надоред, айби лак-лак шахсони онро гӯш мекарда чӣ, ки деву дад мехонедашон? Дигар ин ки, Шон МС, Барон, Мастер Исмайл, Ралик ва дигар репсароён, ки решаашон дар тарӣ аст, худро шахсиятҳои бузург медонанд ку!



Баҳодур ТАБАРОВ, блогери тоҷик

- Ман пай бурдам, ки бисёр одамон намедонанд дар кучо хӯроки хуб ҳаст, нархҳо чӣ гунаанд ва воқеан таъмаш чӣ хел аст. Хостам байни ошхона ва мардум пуле бошам. Ростқавлона бичашам, фикрамро гӯям ва ҷойҳои хубро ба мардум тавсия диҳам.

- О, шумо бало, медонед, ки миёни мардум "бамаззахӯракҳо" бисёранд, даррав дар самти хӯроку ошхона блогинг фаъол кардед. Чашидан албатта, бе чуну чаро, ростқавлона мешавад. Аммо муҳим ростқавлона будани тавсияҳост.



Бунафша ФАЙЗИДДИНЗОДА, раиси Кумитаи кор бо занон ва оила

- Бисёр журналистон вақте дар бораи пошхӯрии хонаводаҳо менависанд, кӯдакони чунин оилаҳоро ятим меноманд, ки ин нодуруст аст. Онҳо ятим нестанд, вале дар тарбияи яке аз волидон мондани кӯдакон ба тарбияи ахлоқии онҳо бетаъсир наменомад.

- Дар бисёр ҳолатҳо истифода шудани калимаи "нимятим"-ро мушоҳида кардаем. Аммо кадом журналистон будаанд, ки "ятим" истифода бурдаанд? Метавонед аз миёни ҳамон журналистони бисёр як-ду нафарро номбар кунед?



МОҲИ САХОВАТ Ё ГАРОНӢ?

Аз ҳушдори муфтӣ то ҳабси гӯштфурӯшон



Дар арафаи моҳи шарифи Рамазон болоравии нархи маҳсулоти ғизоӣ ба яке аз мавзуҳои доғи ҷомеа табдил меёбад. Дар бозорҳои кишвар нархи гӯшт, орд, равған, шакар, картошка ва дигар маводи ниёзи аввал боло меравад. Ин раванд барои қисми зиёди аҳолӣ, бахусус оилаҳои камдаромад мушкилоти ҷиддӣ пеш меорад. Оё ин ҳолат қонуни бозор аст ё беинсофӣ ва сӯйистифода аз моҳи мубораки Рамазон?

ТАЛАБОТ ВА ПЕШНИҲОДИ БОЗОР

Аз нигоҳи иқтисодӣ, ҳар гоҳ талабот ба мол зиёд гардад, нарх низ боло меравад. Дар арафаи моҳи Рамазон аксари оилаҳо барои рӯзҳои рӯза ва ифтор маҳсулоти бештар харидорӣ мекунанд. Ин афзоиши талабот метавонад ба болоравии нарх оварда расонад.

Бо вуҷуди ин, коршиносон таъкид мекунанд, ки агар бозор рақобати солим дошта ва захираи маҳсулот кофӣ бошад, болоравӣ набояд аз ҳад зиёд шавад. Дар шароите, ки анборҳо пуранд, болоравии шадиди нарх бештар ба омилҳои дигар вобаста аст.

Чорводорон ва кишоварзон мегӯянд, ки харочоти онҳо солҳои охир зиёд шудааст. Нархи хӯроки чорво, сӯзишворӣ, нуриҳо ва хизматрасониҳои нақлиёт боло рафтааст. Ин омилҳо ба арзиши аслии маҳсулот таъсир мерасонанд. Ҳамчунин, будани миёнаравҳои зиёд дар занҷираи таъминот боис мегардад, ки дар ҳар зина фоидаи худро илова кунад. Дар натиҷа маҳсулот бо нархи баланд ба дасти харидор мерасаду шикоят бештар мешавад.

НАЗОРАТИ ШАДИД ВА ҲУШДОРИ МАҚОМОТИ МИЛИТСИЯ

Дар арафаи моҳи шарифи Рамазон назорати нархи маҳсулоти хӯрокворӣ дар бозорҳои пойтахт пурзӯр гардида, чанд фурӯшандаи гӯшт барои боло бурдани беасоси нарх ба ҳабси маъмурӣ маҳкум шудаанд. Тавре Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе хабар медиҳад, дар асоси қарори Суди ноҳияи Сино ду сокини пойтахт - Абдулазиз Абдуллоев ва Фирӯзҷони Маҳмадулло барои худсарона гарон кардани нархи гӯшт 4 шабонарӯз ба ҳабси маъмурӣ маҳкум шудаанд.

Номбурдаҳо дар фурӯшгоҳи “Мағозаи гӯшт”, воқеъ дар кӯчаи Ҷаббор Расулов, “бо мақсади ба даст овардани манфиати молиявӣ аз ниёзмандии шаҳрвандон истифода бурда, нархи гӯштро беасос баланд кардаанд”. Дар ноҳияи Шоҳмансур низ ду фурӯшандаи дигар - Умед Рачабов ва Файзулло Ҷалилов барои худсарона боло бурдани нархи гӯшт боздошт шудаанд. Бо қарори Суди ноҳияи Шоҳмансур ҳар кадоми онҳо ба муҳлати 5 шабонарӯз ба ҳабси маъмурӣ маҳкум гардидаанд.

Мақомоти милитсия таъкид мекунад, ки дар моҳи шарифи Рамазон, ки талабот ба маҳсулоти асосии хӯрокворӣ бештар мегардад, баъзе тоҷирон талош менамоянд аз вазъият истифода бурда, нархҳоро сунъӣ боло баранд. Ба гуфтаи мақомот, чунин амалҳо ғайриқонунӣ буда, нисбати қонуншиканҳо тадбирҳои маъмурӣ андешида мешавад. Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе бори дигар аз соҳибкорону тоҷирон даъват кард, ки “инсофро пеша карда”, аз худсарона боло бурдани нархи маҳсулоти ниёзи аввалия, бахусус дар моҳи шарифи Рамазон худдорӣ намоянд.

Аҷиб ин аст, ки асосан милитсияи шаҳри Душанбе чунин рейдҳоро дар бозорҳо мегузаронад, аммо дар дигар манотиқи кишвар чунин нест. Агар дар ҳама гӯшаи Тоҷикистон танзиму назорат пурзӯр ва таҷрибаи милитсияи Душанбе истифода шавад, заррае ҳам бошад, таъсири худро мегузорад, то болоравии нарх пешгирӣ шавад. Аммо, мутаассифона, чунин нест.

НАЗОРАТИ МУНТАЗАМ МЕБОЯД!

Сокинони кишвар дар шабакаҳои иҷтимоӣ менависанд, ки дар моҳи Рамазон нархи гӯшт дар баъзе бозорҳо то 120-150 сомонӣ мерасад. Ба гуфтаи онҳо, баъзан нархномаи расмӣ бо нархи воқеӣ мувофиқат намекунад. Ё масалан, бо нархи расмӣ гӯшт бо омехтаи зиёди равғани чарбу ва устухон пешниҳоди харидор мегардад. Дар натиҷа ин ҳолат боис ба нороҳатӣ ва шикваи мардуму коҳиши боварӣ ба мақомоти танзиму назорат мешавад. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки назорат бояд мунтазам ва фарогир бошад. На танҳо фурӯшандаҳо, балки роҳбарияти бозорҳо низ бояд барои риояи тартибот масъулият дошта бошанд. Нагузоранд, ки аз нархи муайяншуда бештар маҳсулот ба фурӯш равад. Дар чунин ҳолат, аз ҳама зиёд оилаҳои камдаромад зарар мебинанд. Зеро қисми зиёди даромади онҳо барои хариди маводи ғизоӣ сарф мешавад.

РАМАЗОН - МОҲИ ИМТИҲОН

Раиси Шурои уламои Маркази исломии Тоҷикистон Саидмукаррам Абдуқодирзода мегӯяд, ки ба таври сунъӣ боло бурдани нархҳо сӯйистифода аз моҳи Рамазон ва гуноҳи азим аст.

“Ба таври сунъӣ боло бардоштани нарху навои бозор ба хотири фоидаи бештар гирифтан дар ин моҳ амали бадтаринест, ки дар дини мубини ислом мавриди маҳкумият қарор гирифтааст”,- иброз дошт ӯ.

Ба андешаи Саидмукаррам Абдуқодирзода, Рамазон на танҳо моҳи имтиҳони нерӯи ҷисмонӣ ва парҳез аз ғизо, балки имтиҳони вазъи рӯҳиву равонӣ ва покизагии нияту аъмол аст.

“Дар моҳи мубораки Рамазон баъзе нафарон, соҳибкорон ва ё шахсоне, ки бозорнишинанд, ба эҳтикор даст мезананд. Дар истилоҳи фиқҳи шаръӣ инро ба таври сунъӣ боло бурдани нарх мегӯянд. Мо камбуди равған, орд, мевачот надорем, ҳама анборҳо пур аз ин неъматҳо аст. Ҳоло ба таври сунъӣ баланд бардоштани нархи маводи мавриди ниёзи аввал, бардоштани нархи дигар маҳсулот, умуман сӯйистифода аз моҳи мубораки Рамазон ё рӯзҳои мубораки ид бисёр гуноҳи азим буда, пайомадҳои нохуш низ дорад”,- таъкид медорад муфтӣ.

Ба гуфтаи ӯ, нафароне, ки нархро ба таври сунъӣ боло мебардоранд ва аз ин маблағ ба даст меоранд, ин маблағ ба онҳо ба ҷуз нигарониву нокомӣ ва парешониву ташвишҳо чизе намедиҳад.

“Аз тамоми бозорнишинон ва онҳое, ки ҳамарӯза дар бозору мағозаҳо фаъолият анҷом медиҳанд, хоҳиш дорам, ки дар моҳи мубораки Рамазон хайру эҳсонро пеша кунанд, нархҳоро на боло, балки ба миқдоре поин фароранд”,- гуфт раиси Шурои уламо.

РОҲИ ҲАЛ ЧИСТ?

Иқтисоддонҳо пешниҳод мекунанд, ки барои пешгирии болоравии беасоси нархҳо шаффофият дар бозор тақвият дода шавад. Рӯйхати воқеии нархи маҳсулот ва назорати масъулини бозор ба суботи бозор мусоидат мекунад. Ташкили ярмаркаҳое, ки бидуни миёнарав истеҳсолкунандаҳо тавонанд ба харидорон маҳсулот пешниҳод кунанд, ба манфиат аст. Коҳиши миёнаравҳо низ метавонад нархҳоро паст намояд. Аз ин лиҳоз, Рамазон бояд моҳи сабукӣ ва некӣ бошад, на моҳи фишори иқтисодӣ барои мардум. Дар ин шабу рӯз ба тоҷирон инсофу имон мехоҳем!

Усмон РАҲИМЗОДА

ВОҲӮРИИ ДАВЛАТАЛӢ САИД БО ТОҶИКОНИ ҚАЗОН

Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Хатлон дар доираи сафари корӣ дар шаҳри Қазони Ҷумҳурии Тотористони Федератсияи Русия бо роҳбарону намояндагони диаспораи тоҷик, соҳибкорон ва ҳамватанone, ки дар ин кишвар кору зиндагӣ мекунанд, мулоқот анҷом дод.




Дар мулоқот таъкид гардид, ки муносибатҳои дӯстонибаи Тоҷикистону Русия бомаром рушд ёфта, мулоқотҳои мунтазами саронии ду кишвар барои таҳкими ҳамкориҳои гуногунҷанба заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Дар даврони Истиқлол созишномаҳои зиёди байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расида, Тоҷикистону Русия ҳамчун шарикони стратегӣ ҳамкориҳои худро густариш медиҳанд.

Сипас, Давлаталӣ Саид дархосту пешниҳодҳои ҳозиринро шунида, чиҳати баррасӣ ва иҷрои онҳо ба масъулини дахлдор супориш дод. Таъкид гардид, ки ҳамкорӣ бо ҳамватанони бурунмарзӣ минбаъд низ тақвият ёфта, пешниҳодҳои созанда мавриди дастгирӣ қарор хоҳанд гирифт.

Дар охир аз соҳибкорону сармоягузорони бурунмарзӣ даъват ба амал оварда шуд, ки дар таҷлили сазовори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ саҳми арзанда гузошта, барои рушди истеҳсолот, афзоиши содирот, таъсиси чойҳои нави корӣ ва ободу зебо гардидани вилояти Хатлон фаъолона иштирок намоянд.

Ёдовар мешавем, ки ҳоло Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Хатлон дар доираи сафари корӣ дар шаҳри Қазони Ҷумҳурии Тотористони Федератсияи Русия қарор дорад.




Ҳабси якумрии президент

Президенти собиқи Куриёи Ҷанубӣ Юн Сок Ёли 65-соларо ба ҳабси якумрӣ маҳкум карданд. Суди Сеул рӯзи 19-уми феврал ӯро ба ташкили ошӯб ва берун рафтан аз салоҳиятҳои хидматӣ гунаҳгор донист.

Соли 2024 пас аз ихтилофҳои тӯлонии президент бо мухолифон дар парлумон, Юн Сок Ёл вазъияти ҳарбӣ ҷорӣ кард ва гуфт, ки дар ин муддат барпо кардани эътирозу раҳпаймоиҳо манъ аст. Қарор боис ба эътирозҳои сартосарӣ шуд ва баъди шаш соат президент маҷбур шуд қарорро бекор кунад. Ёл моҳи майи соли 2022 раисҷумҳури Куриёи Ҷанубӣ интихоб шуда, дар баҳори соли 2025 аз мақомаш барканор гардид.

Боздошти бародари шоҳ

Эндрю Маунтбеттен-Виндзор, бародари шоҳи Британиё Карли III боздошт шудааст. Пулис дар изҳороте гуфт, ки ӯ ба сӯистифода аз мақом гумонзад ва феълан дар боздоштгоҳ аст.



Тибқи ҳуҷҷатҳои парвандаи сармоягузори амрикоӣ Ҷеффри Эпштейн, шоҳзодаи собиқ ба ӯ дар бораи имкониятҳои сармоягузорӣ маълумоти пинҳонӣ ва дар бораи сафарҳояш ба Сингапур, Ҳонконг ва Ветнам гузориш додааст. Вазорати адлияи Амрико се миллион саҳифа аз ҳуҷҷатҳои сармоягузори расвошуда Ҷеффри Эпштейнро дастраси умум гардонд, ки соли 2019 дар маҳбас худкушӣ кардааст. Аъмоли Эпштейн бо чурми қочоқи чинсии ноболиғон тафтиш мешуд.

Шоҳи Британиё дар соли 2025 бародараш Эндрюро аз унвону имтиёзҳояш маҳрум карда буд.

DW Deutsche Welle BBC

ВАЪДАИ ҲАЙАТИ СУЛҲИ ТРАМП БАРОИ БОЗСОЗИИ ҒАЗЗА

Дар ҷаласаи нахустини Ҳайати сулҳ, ки бо ташаббуси президенти Амрико 19-уми феврал барпо шуд, Доналд Трамп гуфт, барои бозсозии Ғазза 7 миллиард доллар ҷалб кардааст.



Ӯ гуфт, баъд аз халъи силоҳ шудани гурӯҳи "Ҳамос", ки Амрикову Аврупо террористӣ медонанд, бо ин пул барқарорсозии Ғазза шуруъ хоҳад шуд.

Чанд масъалае ҳаст, ки дар моҳҳои оянда бояд таъсири ин маҳфилро нишон диҳанд, аз ҷумла халъи силоҳи "Ҳамос", берун бурдани артиши Исроил, эҳёи Ғазза ва ёриҳои башарӣ ба мардуми ҷангзадаи ин минтақа.

Ҳисобҳои пешакӣ ба он ишора мекунанд, ки дар асл ин ҳама ташаббусҳо харочоти дах баробар бештарро тақозо мекунад.

Ба Ҳайати сулҳ бо раҳбарии Доналд Трамп асосан давлатҳои Ховари Миёна шомил буда, аз Осиёи Марказӣ раҳбарони Ӯзбекистону Қазоқистон дар мулоқот ҳузур доштанд.

Дар ин ҳайат мақомоти Исроил низ ҳастанд, вале фаластиниҳо на. Инчунин, чанд ҳампаймони калидии Амрико аз миёни кишварҳои ғарбӣ ба Ҳайати сулҳ шомил нашудаанд.

ПАРВАНДА АЛАЙҲИ МУАССИСИ TELEGRAM



Фаъолияти муассиси Telegram Павел Дуров дар доираи парвандаи ҷиноятӣ тибқи қисми 1.1, моддаи 205.1 Кодекси ҷиноятии Русия (мусоидат ба фаъолияти террористӣ) мавриди санҷиш қарор дорад.

- Дар ин бора 24-уми феврал «Российская газета» ва «Комсомольская правда» бо истинод ба маводи ФСБ хабар додаанд,- менависад "Медуза".

Ба навиштаи расонаҳо, дар мавод қайд гардидааст, ки паёмрасони Telegram барои омодасозӣ ва ҳамоҳангсозии ҷиноятҳо истифода шудааст. Аз ҷумла, ҳамлаи террористӣ дар «Крокус Сити Ҳолл», куштори Даря Дугина ва генерал Игор Кириллов зикр гардидааст.

Дар мавод гуфта мешавад, ки "иллюзияи махфият" гурӯҳҳои радикалӣ, қочоқчиёни маводи мухаддир ва террористонро ба истифодаи ин платформа ҷалб кардааст.

Ҳамчунин зикр мегардад, ки дар шароити амалиёти махсуси ҳарбӣ Telegram ба "абзори асосии хадамоти махсуси кишварҳои НАТО ва режими Киев" табдил ёфтааст.

Ба гуфтаи муаллифон, ширкат талаботи мақомоти Русияро ичро намекунад ва бинобар ин нисбат ба фаъолияти он чорахои махдудкунанда андешида мешаванд. Тибқи иттилои «Российская газета», аз 10-уми феврали соли 2026 сатҳи коҳиши трафики мессенҷер бо талошҳои "Роскомнадзор" ба 55 дарсад расидааст.

Маҳдудиятҳо нисбат ба Telegram аз тобистони соли 2025 оғоз шуда буданд. Дар аввали феврали соли 2026 мақомот аз пурзӯр шудани чорахои "сустсозии" хизматрасонӣ хабар доданд.

Ёдовар мешавем, ки тобистони соли 2024 Павел Дуров чанд рӯз дар Фаронса дар боздошт буд.

ДАРГИРӢ МИЁНИ ПОКИСТОН ВА ТОЛИБОН

Тибқи гузоришҳо, нимаи дувуми 24-уми феврал миёни нерӯҳои Покистон ва низомиёни ҳукумати "Толибон" дар Афғонистон даргирӣ сурат гирифтааст. Ҷонибҳо якдигарро ба оғози даргирӣ муттаҳам мекунанд.



Як манбаъ дар ҳукумати "Толибон" ба бахши афғонистонии Радиои Озодӣ тасдиқ кардааст, ки даргирӣ дар минтақаи Шоҳкути ноҳияи Нозиёни вилояти Нангарҳор сурат гирифт. "Даргирӣ аз сӯи ҷониби покистонӣ оғоз шуд ва бо посух аз сӯи нерӯҳои "Толибон" рӯ ба рӯ шуд". Ба гуфтаи манбаъ, даргирӣ поён ёфта, талафоти ҷонӣ нест.

Аз сӯи дигар, як сухангӯи ҳукумати Покистон гуфт, ки нерӯҳои марзии "Толибон" дар ду минтақа ба сӯи сарбозони покистонӣ тирандозӣ карданд. Мушарраф Зайдӣ, сухангӯи нахуствазири Покистон дар шабакаи Х навишт, ки "Толибон дар Афғонистон дар минтақаҳои Турхам ва Тира бе ҳеч сабаб ба нерӯҳои амниятии Покистон тирандозӣ карданд ва нерӯҳои амниятӣ посухи муносибе доданд".

Ин даргирӣ миёни марзбонони Покистон ва низомиёни "Толибон" пас аз он рух дод, ки шаби якшанбе ҳавопаймоҳои ҷангии Покистон дар вилоятҳои Нангарҳор ва Пактикои Афғонистон ҳамлаҳо анҷом доданд.

Ба гуфтаи масъулони ҳукумати "Толибон", дар ин ҳамлаҳо 18 нафар дар вилояти Нангарҳор кушта шуданд. Аз миёни кушташудаҳо ҷасади 4 кас ҳанӯз пайдо нашудааст.

МАНЪИ НАМОЗХОНӢ

дар бинову иншооти ғайриистиқоматӣ

ВАКИЛОНИ ДУМАИ ДАВЛАТИИ РУСИЯ ТАРҲИ ҚОНУНЕРО ПЕШНИҲОД КАРДААНД, КИ НАМОЗХОНӢ ВА ДИГАР МАРОСИМҲОИ ДИНИРО ДАР БИНОҲОИ ҒАЙРИИСТИҚОМАТӢ ДАР МАНЗИЛҲОИ БИСЁРОШЁНА ВА ИНШООТИ МАРБУТ БА ОН МАНЪ МЕКУНАД.



Хабаргузории русии “РБК” 13-уми феврал навишт, ки лоиҳаи қонунро 67 вакили парлумони ин кишвар пешниҳод кардаанд ва дар тарҳи лоиҳа шарҳ додаанд, ки маросимҳои динӣ ҳоло дар биноҳои истиқоматӣ дар баъзе мавридҳо хусусияти оммавӣ доранд, ки “ин ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии одамонеро, ки дар наздикии он зиндагӣ мекунанд, поймол мекунад”.

“Мо зидди ягон маросими динӣ нестем. Вале бигузор онҳо дар ҷойҳои мувофиқ ба он иҷро карда шаванд. Биноҳои истиқоматӣ макони оромиву истироҳат барои калонсолон ва кӯдакон мебошанд. Ман фикр намекунам, ки ғалоғула ва дигар нороҳатиҳои марбут ба баргузории маросимҳои динӣ дар хонаҳо, даромадгоҳҳо ё майдончаҳои бозӣ оромии сокинонро халалдор намекунад",- гуфтааст Пётр Толстой, муовини раиси Думаи давлатии Русия, яке аз муаллифони лоиҳа.

Дар қонун намозгузорӣ барои сокинони биноҳои истиқоматӣ ва “барои қонеъ кардани ниёзҳои инфиродии маънавии” онҳо иҷозат дода мешавад. Аммо ин банд ҳанӯз дар қонун вуҷуд надорад.

Сергей Миронов, раҳбари ҳизби “Русияи одил” ("Справедливая Россия") ва аз вакилони муҳоҷирситези парлумони Русия гуфтааст, ки интихобкунандагон ин тарҳро “қонуни манъи “ҳуҷраҳои ибодат” номидаанд”.

Дар ҳамин ҳол, Талъат Сафо Тоҷуддин, муфтии Русия гуфтааст, ки дар ҷойҳои ҷамъиятӣ утоқҳои махсуси ибодат ташкил кардан зарур аст.

“Дар бисёр кишварҳо ин мушкилотро бо ин роҳ ҳал мекунанд: онҳо дар мағозаҳои калон ва марказҳои тиҷоратӣ ҷойҳои ибодат ташкил мекунанд, ки барои чор ё панҷ нафар пешбинӣ шудаанд. Омаданд, хонданд ва рафтанд. Онҳо ба касе халал намерасонанд”,- шарҳ додааст муфтии Русия.

Дар ҳоле, ки ҳанӯз тарҳи қонун дар ҳоли баррасӣ аст, суде дар ноҳияи Нижневартовски вилояти Тюмени Русия як муҳоҷири ӯзбекистониро барои хондани намоз дар хобгоҳ 30 ҳазор рубли русӣ ҷарима кардааст. “Комерсант” 16-уми феврал навишт, ки муҳоҷири ӯзбекистонӣ бо ҳукми додгоҳ аз ин кишвар ихроҷ шудааст.

Ба навиштаи ин расона, шаҳрванди Ӯзбекистон, ки дар хобгоҳи яке аз пойгоҳҳои истеҳсолӣ зиндагӣ мекард, “ҳар рӯз панҷ маротиба намоз мехонд”.

Додгоҳ муҳоҷири ӯзбекистониро барои анҷом додани фаъолияти таблиғӣ бо вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ дар бораи озодии виҷдон, озодии эътиқод ва иттиҳодияҳои динӣ, ки аз ҷониби шаҳрванди хориҷӣ содир шудааст (қисми 5, моддаи 5.26 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Русия) гунаҳкор дониста, ӯро 30 ҳазор рубли русӣ (наздики 3 ҳазору 700 сомонӣ) ҷарима баста, ҳамчунин бо қарори додгоҳ ба таври маҷбурӣ аз ҳудуди Русия ихроҷ карда шудааст.

АФЗОИШИ КОРХОНАҲО БО САРМОЯИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЎЗБЕКИСТОН

ДАР ӮЗБЕКИСТОН ШУМОРАИ КОРХОНАҲОЕ, КИ БО САРМОЯИ ТОҶИКИСТОН ФАЪОЛИЯТ МЕКУНАНД, БА 410 АДАД РАСИДААСТ. ИН ТЕЪДОД 6 МОҲ ПЕШ, ТО 1-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 2025-УМ 357 БУД ВА ДАР ИН МУДДАТ 53 КОРХОНАИ ДИГАР КУШОДА ШУДААСТ.

Дар ин бора Кумитаи омори Ӯзбекистон иттилоъ дода, гуфтааст, ки аз теъдоди умумӣ 308 корхона пурра бо сармояи Тоҷикистон фаъолият мекунанд ва 102 адади онҳо корхонаҳои муштарак мебошанд.

Ба иттилои манбаъ, 144 корхонаи дар ин кишвар бо сармояи Тоҷикистон фаъолияткунанда дар бахши савдо будаанд. Корхонаҳои дигари Тоҷикистон дар ин кишвар аз рӯйи соҳаҳои фаъолият чунин тақсимбандӣ мешаванд:

- 89 адад дар бахши саноат;
- 43 адад дар бахши сохтмон;
- 33 адад дар бахши иттилоот ва алоқа;
- 23 адад дар бахши хадамоти манзил ва озуқаворӣ;
- 16 адад дар бахши нақлиёт ва нигоҳдорӣ;
- 11 адад дар бахши тандурустӣ ва хидматрасонии иҷтимоӣ;
- 5 адад дар бахши хоҷагии қишлоқ, ҷангал ва моҳипарварӣ;
- 57 адад дигар соҳаҳо.

Тибқи омори нашркардаи мақомоти Ӯзбекистон, теъдоди корхонаҳое, ки бо сармоягузории Тоҷикистон дар ин кишвар фаъолият мекунанд, рӯ ба афзоиш дорад. Аз ҷумла, 6 моҳ пеш - то 1-уми июли соли 2025 дар ин кишвар 357 корхона бо сармояи Тоҷикистон фаъолият мекард.



Ин теъдод, ба ҳолати 1-уми октябри соли 2025 ба 364, баъди як моҳ ба 379, то 1-уми декабри соли гузашта ба 386 ва ба ҳолати 1-уми январи соли ҷорӣ ба 389 адад баробар буд.

Омори нашргардида нишон медиҳад, ки Тоҷикистон аз рӯйи раддабандӣ байни кишварҳое, ки бо сармояашон дар ин кишвар корхона боз кардаанд, дар зинаи ҳаштум қарор дорад.

Омори корхонаҳои бо сармояи Ӯзбекистон дар Тоҷикистон фаъолияткунанда маълум нест.

РЕЗААХБОР

Дар рӯзҳои ҷашни байналмилалии Наврӯз - аз 20 то 25-уми марти соли равон қатораи байналмилалии сайёҳии «Роҳи Абрешим» (Jibek Joly) ба Душанбе меояд. Тибқи иттилои Вазорати нақлиёти Тоҷикистон, қатора шаҳрҳои Алмаато, Туркистон, Самарқанд, Душанбе ва Тошкандро дар хатсайри ягона мепайвандад ва баъд ба Алмаато бармегардад. Барномаи сафар ба сайёҳон имкони шиносоӣ бо фарҳанг, анъана ва мероси мусиқии халқҳои Осиёи Марказиро фароҳам меорад.

***

Милитсияи Душанбе як писари ноболиғро аз тарбияи волидонаш гирифта, ба Мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ супурдааст. Гуфта мешавад, ки ин наврас сокини ноҳияи Шоҳмансур ва “мунтазам ба оворагардӣ ва кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ машғул буд”. Ноболиғи мазкур бар асоси моддаи 73-и Кодекси оила - бе маҳрум кардани волидон аз ҳуқуқи падару модарӣ ба таълиму тарбия ҷалб шуда, илму дониш ва касбу ҳунар меомӯзад.

***

Самандари Қаландар, судяи пешини ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ барои гирифтани пора чор сол аз озодӣ маҳрум шудааст. Дар ин бора “Озодӣ” хабар дод. Ӯ аз болои ҳукм шикоят накардааст ва “аз ҳукми содиршуда нисбаташ "қаноатманд аст". Номбурда 17-уми декабри соли 2025 “бинобар содир намудани кирдоре, ки шаъну эътибори судяро паст мезанад”, аз вазифа барканор шуда буд.

***

Дар арафаи Рӯзи Артиши миллӣ мактаби 150-и деҳаи Баҳори шаҳри Вахдатро ба номи Олимҷон Бутаев, сарбозе, ки соли 2022 дар муноқишаҳои марзӣ бо Қирғизистон ҷон бохта буд, номгузорӣ карданд. Марҳум соли 2002 дар деҳаи Мачитони ҷамоати Баҳори шаҳри Вахдат таваллуд шудааст.

***

Қудратулло Файзуллоев, сармеъмори пешини шаҳри Душанбе ва муовини собиқи раиси Кумитаи сохтмон ва меъмории Тоҷикистон шаби 23 ба 24-уми феврал дар 70-солагӣ даргузашт. Файзуллоев дар деҳаи Тутакаи шаҳри Ҳисор таваллуд шуда, Донишгоҳи техникии Тоҷикистонро хатм кардааст.

ДАР ПОЯИ МУҶАССАМАИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Порча аз китоби «Агар...»-и Шариф Ҳамдампур



Толибхон Шаҳидӣ

ОЁ МО АДОЛАТРО НИГОҲ МЕДОРЕМ? ОЁ МО ЗАБОНИ ХУДРО ҲИФЗ МЕКУНЕМ? ОЁ МО ДАВЛАТИ ХУДРО БО ФАРҲАНГ ВА ХИРАД МУСТАҲКАМ МЕСОЗЕМ?

(Идома аз шумораи гузашта)

Падар, дар зиндагӣ рӯзҳое ҳастанд, ки инсон онҳоро на танҳо ба хотир меорад, балки бо онҳо зиндагӣ мекунад. Он рӯзҳо ба як порчаи сарнавишт табдил меёбанд. 6-уми сентябри соли 1999 барои ман ҳамин гуна рӯз буд.

Он сана дар зеҳни ман танҳо рақам нест, ҳолат аст. Ҳолати омезиши шукӯҳу изтироб, ифтихору масъулият. Зеро он рӯз, дар майдони ба номи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, дар пояи муҷассамаи чилу панҷметра, ки рамзи эҳёи давлатдории тоҷикон аст, порчае аз операи ман «Амир Исмоил» ба ифтихори 1100-солагии давлати Сомониён садо дод.

Ман он лаҳзаро фаромӯш карда наметавонам. Майдон лабрези одамон буд. Нафаси ҳазорҳо дил дар як фазо ба ҳам омехта, гӯё ба як нафаси ягона табдил ёфта буд. Ҳама дар интизори нотаи аввал гӯшу ҳуш гашта буданд...

Дар майдони Исмоили Сомонӣ овози Бурҳон Маҳмадқулов, Миралӣ Достиев ва Низом Ҳамробоев дар фазои Душанбе баланд шуд. Вақте нотаи аввал танин андохт, ман ҳис кардам, ки мусиқӣ дигар танҳо мансуб ба ман нест. Он мансуб ба мардум, миллат гашта буд.

Овозҳо дар фазои майдон мепечиданд, ба санги муҷассама бармехӯрданд, ба осмон боло рафта, гӯё аз болои сари ҳазорон нафар фуруд меомаданд.

Ман дар чеҳраҳо чизеро медидам, ки онро танҳо метавон «эҳёи хотира» номид. Гӯё мардум дар он лаҳза таърихи худро на ҳамчун саҳифаи китоб, балки ҳамчун воқеияти зинда эҳсос карданд. Таърих бо имрӯз гуфтугӯ мекард, на бо забони матн, балки бо забони оҳанг. Гӯё фосилаи ҳазорсола якбора фурӯ рехт ва гузаштаву имрӯз дар як нафаси муштарак ба ҳам пайвастанд.

Он рӯз ман худро на танҳо ҳамчун бастакор, балки ҳамчун фарзанди содиқи ин миллат эҳсос кардам. Ҳис мекардам, ки мусиқии ман идомаи рисолате аст, ки шумо, падар ва садҳо бузургони дигар бо пешоҳангии устод Садриддин Айнӣ бо интихоби Душанбе ҳамчун макони сукунат, маркази сиёсию фарҳангии эҳёи миллат оғоз карда будед.

Шумо ба калом ва мусиқӣ поя гузоштед. Мо бояд бо садо ва ҳунар онро устувор созем. Ман дарк кардам, ки ормонҳо шакл иваз мекунанд, аммо маънӣ як аст: зинда нигоҳ доштани рӯҳи миллат.

Шояд ҳар насл роҳи худро дорад, аммо ҳадаф ҳамоно як аст – идомаи он рисолат, ки миллатро ба худ мешиносонад ва қоматашро рост нигоҳ медорад.

Дар ҳамин лаҳза мисрае аз дӯстам Лоиқ Шералӣ - «Бузургонро бузургон зинда медоранд» ба хотир расид, ки танҳо як мисраи шеърӣ не, фалсафаи давом аст. Давоми рӯҳ, хотира, миллат. Миллат он вақт пойдор мемонад, ки бузургони худро на танҳо дар китоб, балки дар амал, дар бунёдкорӣ, дар рамз ва дар фарҳанг зинда нигоҳ дорад.

Зеро таърих агар танҳо ёд бошад, фаромӯш мегардад. Аммо вақте ба он симо мебахшанд, қомат медиҳанд, вақте дар муҷассама, дар майдон ва дар фазои шаҳр таҷассум меёбад, ба рамз табдил меёбад, зинда мегардад.

Дар чунин лаҳзаҳо ман хизмати Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмонро пеши назар меовардам. Бунёди муҷассамаи Исмоили Сомонӣ танҳо сохтани як иншооти азим не, барқарор кардани симои таърихии миллат буд.

Дар он солҳои душвор, вақте ки давлат ҳанӯз пояҳои худро устувор месохт, қомат афрохтани чунин муҷассама маънои наҷоти миллат аз парешониро дошт. Бо қомат афрохтани он муҷассама миллат низ қомат рост кард. Гӯё муҷассамаи Исмоили Сомонӣ ба мардум мегуфт: «Шумо реша доред. Шумо соҳибдавлат ҳастед. Шумо ҳақи ифтихор доред».

Ва мусиқии ман зери муҷассама, дар пояи рамзи давлатдорӣ, хомӯш гардад, аммо агар паноҳаш дихӣ, равшантар месӯзад ва атрофро нуронӣ мекунад.

Дар ҳамин замон бунёди чунин муҷассама бо он баландиву шукӯҳ кори осон набуд. Он болотар аз як лоиҳаи меъморӣ, баёни як изҳороти сиёсӣ ва фарҳангӣ, эълони бозгашт ба решаҳо, рамзи шинохти миллат, ба асли худ баргаштан буд.

Дар опера ман кӯшидам Исмоили Сомониро на ҳамчун симои идеализатсияшуда, балки ҳамчун инсон нишон диҳам. Инсоне, ки дар миёни қудрат ва вичдон қарор дорад. Давлатдорӣ танҳо фармон додан нест. Давлатдорӣ масъулият аст. Танҳо касе, ки адолатро болотар аз қудрат мегузорад, метавонад давлат созад. Ҳамин фалсафаро ман мехостам ба майдон биёрам, ки ба гӯши дили ҳозирон роҳ ёбад. Мехостам, ки мусиқӣ на ҳамчун оҳанг, балки ҳамчун андеша садо диҳад.

Дар фазои он рӯзи осмонаш софу беғубор вазни таърих эҳсос мешуд. Пайкара гӯё посбони хотира буд.

Дарк мекардам, ки гуфтугӯй миёни операи “Амир Исмоил” ва муҷассама, гузаштаю имрӯз, миёни давлати Сомониён ва Тоҷикистони соҳибистиқлол сурат мегирад. Гӯё ҳазор сол дар як лаҳза ба ҳам пайваст ва миллат дар он нафаси ягона худро аз нав шинохт.



Лаҳза аз операи "Амир Исмоил"-и Толибхон Шаҳидӣ

Садои оркестр дар ҳамовозӣ бо солистон Бурҳон Муҳаммадқулов, Миралӣ Достиев ва Низом Ҳамробоев хотироти гузаштаро зинда мекард. Гӯё ин се овоз баёнгари оҳанги се сутуни миллат – қудрат, ҳикмат ва сабр буданд.

Оҳангҳо ба ҳам меомехтанд, садоҳо чун бӯйи чӯйи Мӯлиён дар фазои майдон танин меандохтанд. Вақте ки онҳо ҳамзамон ба авҷи мусиқӣ расиданд, ман ҳис кардам, ки опера дигар танҳо асари саҳнавӣ нест. Он аз доираи ҳунар берун рафт ва ба маросими миллӣ табдил ёфт.

Дар он лаҳза шуморо, падар, ба ёд овардам. Ман ҳамеша дар лаҳзаҳои ҳассос бо шумо дар қалбам сухбат мекунам.

“Падар, мешунавед? Имрӯз номи Исмоили Сомонӣ бо мусиқӣ зинда шуд. Имрӯз миллат зери боми осмони бекарон таърихи худро месарояд”.

Ҳадафи сароидани он порча танҳо ҷашн гирифтан набуд. Ҳадаф бедор кардани эҳсоси масъулият ва ватандорӣ буд. Ман мехостам мардум дарк кунанд, ки миллате, ки бо таърихи худ танҳо ифтихор мекунад, вале аз он ибрат намегирад ва онро такмилу идома намедиҳад, оянда надорад.

Ман мехостам ҳар нота савол бошад - саволе, ки дар дили шунаванда бимонад:

Оё мо адолатро нигоҳ медорем? Оё мо забони худро ҳифз мекунем? Оё мо давлати худро бо фарҳанг ва хирад мустаҳкам месозем?

Таърих танҳо барои ситоиш нест, балки барои эҳтиром гузоштан ба гузашта ва идома додани он аст.

Ҳар насли ҷавон бояд кори падаронро идома диҳад, пояеро, ки онҳо гузоштаанд, устувортар созад. Мероси ниёгон танҳо хотира нест, он амонат аст. Амонате, ки бояд бо эҳтиром, бо вичдон ва бо масъулият нигоҳ дошта шавад. Ба таърих бояд на ҳамчун саҳифаи гузашта, балки ҳамчун муқаддасот назар андохт, муқаддасоте, ки моро ба худ мешиносонад ва роҳи фардоро равшан мекунад.

Он рӯз дар майдони Исмоили Сомонӣ ман ҳаминро эҳсос кардам, ки: садо метавонад хотираро бедор кунад, ҳунар метавонад иродаро устувор созад ва миллат танҳо вақте поянда мемонад, ки наслҳояш занҷири давомро нашикананд. Агар падарон поя гузоштаанд, мо бояд девор бардорем.

Агар бузургон пайроҳа кушоданд, мо бояд онро ба шоҳроҳ табдил диҳем.

Агар ниёгон бо қалам ва шамшер давлат бунёд кардаанд, мо бояд онро бо дониш, фарҳанг ва адолат ҳифз намоем.

Агар таърих ба мо ном дод, мо бояд ба он маъно бахшем.

Ва ман он рӯз ба ин бовар расидам, ки:

агар насли ҷавон ба мероси падарон ҳамчун муқаддасот назар андозад; агар таърихро ба амонати вичдон табдил диҳад, агар роҳи ниёгонро бо садоқат идома диҳад, агар мо «агар»-ро аз забон хориҷ кунем ва ба ҷойи он «ман метавонам», «ман бояд», «ман вазифадорам» бигузорем, он гоҳ орзу ба амал табдил меёбад ва масъулият ба нерӯи созанда.

Он гоҳ садо таъсиргузор мегардад.

Ва миллату давлат пойдору сарбаланд бокӣ мемонад.

(Давом дорад)

МАОРИФИ ҶАЙҲУН НАТИҶАҲОИ НАЗАРРАС БА ДАСТ ОВАРДААСТ



Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми паҳлуҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат мавриди арзёбӣ қарор дода шуда, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа арзёбӣ гардид. Зимнан, шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷайҳун бо дарки ин нукта дар соли 2025 баҳри рушди соҳа кӯшида, натиҷаҳои назаррас ба даст овардааст.





Бино ба иттилои мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷайҳун Умед Эшонзода, дар ноҳия 52 муассисаҳои таълимӣ, Маркази таҳсилоти иловагӣ, Маркази технологияи иттиллоотӣ ва коммуникатсия, Маркази дарёфти рушди истеъдодҳо ва 3 адад муассисаҳои томактабӣ фаъолият доранд.

Айни замон дар муассисаҳои таълимии ноҳия 1899 нафар омӯзгорон (аз ҷумла занон 968 нафар), аз инҳо 1043 нафар бо маълумоти олӣ, 669 нафар бо маълумоти миёнаи махсус, 187 нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ, ки дар донишгоҳу донишкадаҳо таҳсил намуда истодаанд, ба таълиму тарбия машғул мебошанд. Бо дараҷаи тахассуси олӣ 408 нафар, бо дараҷаи тахассуси якум 544 нафар, бо тахассуси дуюм 321 нафар, бе дараҷаи тахассусӣ 626 нафар омӯзгорон фаъолият доранд. Шумораи омӯзгороне, ки унвони Аълочии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳибанд, 35 нафар мебошанд. Норасоии омӯзгорон дар ноҳия то ҳол ба қайд гирифта нашудааст.

Айни замон дар ноҳия 42487 нафар хонандагон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, ки аз инҳо 20548 нафарашонро духтарон ташкил мекунанд.

Ба гуфтаи Умед Эшонзода, сол то сол шумораи хонандагон дар ноҳия зиёд шуда, аҳли маорифчиёнро зарур аст, ки баҳри таъмин намудани хонандагон бо ҷойи нишаст ва шароити созгор барои таҳсили онҳо мунтазам чорабинӣ намоянд.

- Таърихи 25-уми декабри соли 2025 барои аҳли маорифчиёни ноҳияи Ҷайҳун ва тамоми сокинони ноҳия рӯзи таърихӣ дар масири ҳаёт буд. Дар ин рӯзи муборак Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Ҷайҳун ташриф оварда, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53 иборат аз 28 синфхона, як маҷлисгоҳ, як адад толори варзишӣ, китобхона ва дигар бинои ёрирасон, инчунин бо тамоми шароити созгори таълимӣ барои хонандагон ва омӯзгоронро мавриди истифода қарор доданд. Ҳамзамон, дар идомаи сафари корӣ Пешвои миллат дар назди муассисаҳои таълимии №№1 - 10 синфхона, №6 - 10 синфхона, №11 - 10 синфхона ба истифода дода шуда, синфхонаи маракази инкишофи кӯдак, дар назди муассисаи таълимии №12 - 7 синфхона ва дар назди муассисаи томактабии №3 “Калидчаи тиллоӣ” - 8 синфхона азнавсозӣ гардида, бо тамоми шароити хуб мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд. Чунин синфхонаҳои иловагӣ ва муассисаи таълимии №53 туҳфаи беназири Пешвои маорифпарвар барои мо - аҳли маорифчиёни ноҳия ба ҳисоб меравад,- афзуд ӯ.

Зикр гардид, ки дар соли 2025 дар назди муассисаи таълимии №4 - 4 синфхонаи иловагӣ аз тарафи КАСА-ҳазор, бо дастгирии Кумитаи падару модарон дар назди муасисаи таълимии №22 - 6 синфхона, дар назди муассисаи таълимии №19 - 4 синфхона ва дар назди муассисаи таълимии №8 - 4 синфхона, дар маҷмуъ 103 синфхонаи иловагӣ дар соли 2025 дар назди муассисаҳои таълимии ноҳия сохта ба истифода дода шудааст. Айни замон сохтмони 69 синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимии ноҳия бомаром идома дошта, то анҷоми соли 2026 ба истифода дода мешаванд.

Инчунин, дар назди 15 муассисаи таълимии ноҳия аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 40 синфхона барои маркази барвақтии инкишофи кӯдакон сохта шуда, то ба ҳолати имрӯза 16 синфхонаҳои он ба истифода дода шуда, боқимондаи онҳо дар арафаи ҷашни байналмилалии “Наврӯз” мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Дар соли 2025 аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 адад кабинетҳои фаннӣ аз фанҳои физика, химия, биология, география, математика, технологияи иттилоотӣ ва суруду мусиқӣ дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида шудааст.

Умед Эшонзода дар мавриди баргузории озмунҳо сухан гуфта, зикр намуд, ки дар соли 2025 давраи 1-уми озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” баргузор гардида, ба даври дуюми озмуни ноҳиявӣ 4000 нафар хонандагон роҳҳат гирифтаанд. Ин хонандагон дар даври дуюми озмуни ноҳиявӣ фаъолона иштирок намуда, 41 нафар хонандагон ва 4 нафар омӯзгорон ба даври озмуни вилоятӣ роҳҳат гирифта, дар даври вилоятӣ фаъолона иштирок кардаанд.

Дар даври дуюми озмуни “Илм - фурӯғи маърифат” 621 нафар хонандагон фаъолона иштирок намуда, аз ин шумора 36 нафар хонандагон ба даври дуюми озмуни вилоятӣ роҳҳат гирифта, дар даври вилоятӣ фаъолона иштирок кардаанд. Аз байни хонандагони мазкур 1 нафар хонандаи синфи 11-и муассисаи таълимии №17 Ғанизода Мастона дар даври ҷумҳуриявии озмуни “Илм - фурӯғи маърифат” дар номинатсияи биология иштирок намуда, сазовори ҷойи дуюм гардидааст.

Ҳамзамон, оид ба тақвият бахшидан ба хондани китобҳои бадеӣ байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мақсади иҷрои фармоиши сардори Раёсати маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон аз 06.03.2025, №39 ҷиҳати амалисозии қарори ҷаласаи мушовараи Раёсати маорифи вилояти Хатлон аз 28.05.2024, №5/11 “Ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони вилояти Хатлон аз 25.05.2024 дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ва ташаббуси созандаи раиси вилояти Хатлон муҳтарам Давлаталӣ Саид бахшида ба эълон гардидани “Соли 2025 - соли фарҳанги китобхонӣ” дар тамоми муассисаҳои таълимӣ аз тарафи гурӯҳи корӣ шуъбаи маорифи ноҳия санҷиш гузаронида шуда, айни замон ин иқдом бомаром идома дорад.

- Яке аз масъалаҳое, ки таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он равона гардидааст, ин бақайдгирии хонандагон дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар робита ба ин шуруъ аз моҳи марти соли 2025 бақайдгирии довталабон дар нуқтаи бақайдгирии Маркази миллии тестӣ дар ҳудуди ноҳия оғоз гардида, то охири моҳи июн аз шумораи 1433 нафар хонандагони синфҳои 11 (472 нафар духтарон ва 961 нафар писарон) дар маҷмуъ 1203 нафар (389 нафар духтарон ва 814 нафар писарон) хонандагон аз қайди Маркази миллии тестӣ гузаронида шуданд, ки ин дар умум 83,9 фоизро (82,4 фоиз духтарон ва 84,7 фоиз писарон) ташкил медиҳад. Тибқи маълумоти Маркази миллии тестӣ, ҳамагӣ 641 нафар хатмкунандагон тариқи ММТ ба муассисаҳои олии кишвар дохил шудаанд, ки ин 61 фоизро ташкил медиҳад,- мегӯяд мудири маорифи ноҳияи Ҷайҳун Умед Эшонзода.

Машраби АЛОВИДДИН

Абдунабӣ Сатторзода:

КОРҲОИ НАКАРДААМ АЗ

ДОНИШМАНДИ МАЪРУФИ ТОҶИК, АДАБИЁТШИНОС, СИЁСАТШИНОС ВА ДИПЛОМАТ АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА 85-СОЛА ШУД. БА ИН МУНОСИБАТ БО ЭШОН СУҲБАТЕ ОРОСТЕМ, КИ ФИШУРДАИ ОН МАНЗУРИ ШУМО МЕШАВАД.



- 85 сол. Ин санаи умрро бо чӣ рӯҳия ва кадом андешаҳо пешвоз мегиред?

- Нахуст, шукр мекунам, ки ба ин синни муборак расидаам. Пасон, байти машҳури Раҳии Муайярӣ ёдам меояд, ки гуфта:

Мӯйи сафедро фалакам
ройгон надод,
Ин риштаро ба нақди
ҷавонӣ харидаам.

Шиори устод Лоҳутӣ ин буд, ки:

Ҳар шаб зи худат бипурс,
агар ту мардӣ,
Имрӯз чӣ хизмате ба
мардум кардӣ?

Агар на ҳар шаб аз худ пурсидаам, аммо дар 85-солагӣ бояд дар бораи он андешам, ки дар зиндагӣ барои худ, наздикон ва мардум чӣ коре кардаам, ки аз он розӣ ҳастам? Хидмат ба мардум барои як донишманд ба он маънӣ аст, ки дар илме, ки барои худ интихоб намудааст, чӣ саҳме гузоштааст. Агар аз ин нигоҳ ба фаъолияти худ нигарам, ба қавли маъруф, қаноатманд ҳастам.

ЧУ ЭРОН НАБОШАД, ТАНИ МАН МАБОД...

- Ба наздикӣ дар Эрон будед ва ба нахустин Ҷоизаи адабии байналмилалии Абулмаъонӣ Бедил сазовор гардидед. Сафари шумо ба Эрон ба рӯзҳое рост омад, ки дар он кишвар эътирозот дар авҷ буд. Аз он рӯзҳо бигӯед, зеро дар тасаввури мо намегунҷад, ки кишваре дар марҳилаи ҳассосу душвор қарор дошта бошаду дар чунин шароит аз Бедил ва шеъри ӯ ёд орад ва ҳамоиши байналмилалиро созмон диҳад.

- Камина моҳи гузашта аз 8 то 15-уми январ дар Теҳрон будам. Ман ва ҳиндушиноси маъруфи тоҷик, устоди Донишгоҳи Хуҷанд ба номи аллома Бобоҷон Ғафуров, доктори илми филология хонум Замира Ғаффорӣ барои иштирок дар шашумин ҳамоиши байналмилалии Урси Бедил аз Тоҷикистон даъватӣ будем. Пеш аз сафарамон дар бораи вазъи Эрон дар расонаҳои интернетӣ ва барномаҳои телевизионии хориҷӣ хабарҳои нигаронкунанда хеле зиёд буданд. Аз нигоҳи онҳо саросари ин кишварро мавҷи эътирозот фаро гирифта, суқути низоми ҳоким наздик мебошад. Барои ҳамин ҳам аксари наздиконамон, дӯстон ва алоқамандонамон маслиҳат медоданд, ки дар чунин шароит аз сафар худдорӣ намоем. Нафаре ба ман гуфт, ки ту ба Эрон хеле сафарҳои зиёд доштӣ, ин дафъа агар наравӣ, касе аз ту хафа нахоҳад шуд. Дигар ин ки, синну солатро фаромӯш накун, Худо накунаду бо ту чизе шавад, хуб нахоҳад шуд. Ба ин нафар гуфтам, ки оре, ҳақ ба ҷониби туст, агар ман наравам, касе аз ман хафа нахоҳад шуд, касе гила нахоҳад кард. Аммо ин чӣ тавр мешавад, ки дар рӯзҳои оромиву осудагии Эрон борҳо сафар карда будаму дар рӯзе, ки Эрон дар чунин вазъи ноороме қарор дорад, дар паҳлуи мардуми ин кишвар набошам? Ва суханони маълуми Фирдавсии бузургро ба ёдаш овардам, ки гуфта буд:

Чу Эрон набошад,
тани ман мабод,
Бад-ин буму бар зинда
як тан мабод...
Дареғ аст, ки Эрон
вайрон шавад,
Куноми палангону
шерон шавад.

Овозаву ҳангомаҳои бардурӯғ будани он чӣ расонаҳо менавиштанду мегуфтанд, маълумамон шуд. Зеро баробари поён шуданамон дар Фурудгоҳи байналмилалии Теҳрон аз мизбонон як нафар пешвоз гирифту ба таксӣ шинонду барои пешвози меҳмони дигар рафт. Дар масири зиёда аз 100 км роҳ аз фурудгоҳ то ҳутали "Лола" хурдтарин аломатеро, ки Теҳрон ноором бошад, надидем. Худи ҳамон рӯз ба сайри боғи машҳури дар шафати ҳутали "Лола" буда ҳамроҳи ҳайатҳои русӣ ва ӯзбекистонӣ баромадем ва пиёда-пиёда ба манзили устод Фаридуни Ҷунайдӣ рафтем. Дар ҳеч ҷойе нишоне аз вазъи хатарноке ба мушоҳидаамон нарасид. Рӯзи дигар аъзои ҳайати меҳмонон ба хиёбони назди Донишгоҳи Теҳрон рафтанд барои хариди китоб, ҳеч монеае сари роҳашон набуд. Дар тӯли як ҳафтае, ки мо дар Эрон будем, дар рӯзҳои аввали буданамон бегоҳиҳо пас аз соати 8-и шом сарусадоҳое ба меҳмонхона мерасиданд, инҳо эътирозгароне буданд, ки аз назди меҳмонхона гузашта, ба майдони Инқилоб мерафтанд ва эътирозоти хешро иброз медоштанд. Рӯзи 14-уми январ, яъне як рӯз пеш аз бозгаштамон бегоҳӣ ба Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ даъватӣ будем. Раиси муҳтарами он ҷаноби оқои доктор Ҳаддоди Одил ба ифтихори меҳмонони ҳамоиш зиёфате дод. Ҳеч нишоне аз нооромиҳо дар пойтахт ба назар намерасид.

- Ин мавзуи суҳбати мо нест, вале мехоҳам дар чанд чумла назаратонро дар мавриди оянди Эрон бифаҳмам.

- Ҷанги 12-рӯза бо Исроилу Амрико нишон дод, ки роҳбарони феълии Эрон барои муҳофизати хоки Эрон ва таъмини амнияти кишварашон омодаанд. Барои эътирозоти дохилӣ асос ҳаст: таварруми беш аз ҳади пули миллии кишвар боиси паст шудани сатҳи зиндагии мардум, махсусан аҳли бозор гардид. Ва ин падида омилҳои айнӣ ва зеҳнӣ дорад. Ва онро роҳбарони имрӯзаи Эрон, аз ҷумла раҳбари аввали он ҷаноби оқои Алии Хоманаӣ ва раисҷумҳури он ҷаноби оқои Масъуди Пизишкиён хуб дарк мекунанд. Онҳо инро борҳо дар суханрониҳояшон ва дар мулоқоташон таъкид карданд ва гуфтанд, ки аз пайи ҳаллу фасли он мушкилиҳо мебошанд. Аммо дар эътирозоти дохилӣ таъсири омили хориҷӣ бештар эҳсос мешавад. Онҳо пайваста мардумро ба эътирозот ташвиқ ва мусоидат ва ҳатто мусаллаҳ мекунанд. Ҳоло вазъ дар Эрон зери назорати ҳукумат ва қувваҳои амниятӣ мебошад. Аммо ин маънои онро надорад, ки хатарҳои дохилӣ ва хориҷӣ рафъ шудаанд. Бо таҳдидҳои пайдарпайи раисҷумҳури Арико ва сарвазири Исроил ва ба наздикии сарҳадҳои Эрон кашидани қувваҳои мусаллаҳашон ин хатар бештар мешавад. Аммо дар шароити феълӣ на дар хориҷ ва на дар дохили Эрон аз муътаризон қувваҳое нестанд, ки дар дифои Эрон бархезанд, ба ҷуз ҳукумати феълии Эрон, ки тавони муқовимат ва ҳифзи манфиатҳои миллии онро доранд. Барои ҳамин Эрон пойдор хоҳад монд.

ТЕЪДОД Ё СИФАТ

- Баргардем ба суҳбати худамон. Дар мусоҳибае, ки чанд сол қабл доштем, гуфта будед, ки "мақоми нақди адабии мо аз назму наср поин нест ва вазъаш ҳам бад нест". Оё имрӯз ҳам чунин аст?

- Ҷавоби кӯтоҳи ман ин аст, ки имрӯз, хушбахтона, ҳам дар шеър, ҳам дар наср ва ҳам дар нақду адабиётшиносии муосири тоҷик падида ва тамоюлҳои назаррас вуҷуд доранд ва ба ин мавҷуд будани намунаҳои хуби ин навъҳои адабӣ далели муътамад ҳастанд. Аммо аз лиҳози миқдор каманд, ҳам дар шеър, ҳам дар наср ва ҳам дар нақду адабиётшиносии мо.

- Ҳар ҳафта дар Тоҷикистон як ё ду рисолаи номзадӣ дар риштаи адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ дифоъ мешавад, вале аз миёни насли ҷавонтар чеҳраҳои таъсиргузор ва шахсиятҳои илмӣ қариб нестанд. Ҳол он ки, шумо, устод Шакурӣ, Соҳиб Табаров, Расул Ҳодизода, Аълохон Афсаҳзод, Атахон Сайфуллоев, Ҳоҷӣ Шариф... ҳанӯз аз ҷавонӣ шуҳрат доштед ва чеҳраҳои таъсиргузор будед...

- Мутаассифона, вазъ ҳамон таврест, ки шумо фармудед. Инро ба ман таҷрибаи чандсолаи фаъолиятам ҳамчун раиси бахши ташхис дар Комиссияи олии ташхиси Тоҷикистон ва узвият дар шуроҳои дифои Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Институти илмҳои иҷтимоии ба номи академик Баҳодур Искандаров тасдиқ мекунад. Бояд тадбирҳои фаврӣ андешид. Дар замони Шуравӣ дар Тоҷикистон танҳо як шурои дифоъ дар соҳаи адабиёт ва забон дар назди Институти забон ва адабиёт вуҷуд дошт, аммо талаботи он нисбати рисолаҳои илмӣ баланд буд. Барои ҳамин ҳамаи марказҳои илмии чумҳурӣ кӯшиш менамуданд, ки рисолаҳои номзадӣ ва доктории ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҷавобгӯй ба он

КАРДАҲОЯМ ЗИЁДТАРАНД...

талабот ва меъёрҳо бошанд. Ҳоло миқдори шуроҳои дифои миллӣ ва русӣ дар ҷумҳурӣ зиёд шудаанд, вале ин ҳодисаи дар зоти худ мусбат афсӯс, ки дар маҷмуъ боиси беҳтар шудани сатҳи илми тоҷик нашуд. Барои ҳамин ҳам, тавре ки шумо дуруст ба мушоҳида гирифтаед, чеҳраҳои таъсиргузор ва шахсиятҳои илмӣ дар байни довталабон бисёр кам ба назар мерасанд.

ДАРСИ АДАБИЁТ ЧӢ ГУНА БОШАД?

- Шумо муаллифи китоби дарсии "Адабиёти тоҷик" барои синфи 8 ҳастед. Нашри чаҳорум ин китоб ду сол пеш бо теъдоди 120 ҳазор нусха чоп шуд ва ба дасти хонандагон расид. Соли равон нашри панҷумашро барои чоп омода кардед. Солҳост, ки дар Тоҷикистон масъалаи таълифи китобҳои дарсӣ мавриди баҳсу мунозира қарор дорад. Ба назари шумо китоби дарсӣ чӣ гуна бояд бошад?

- Чанд сол пеш Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ҳайатеро барои навиштани Консепсияи таълим, таълифи китобҳои дарсӣ ва таҳияи барномаҳои таълимӣ ва нақшаҳои тақвимию мавзуии фанни «Адабиёти тоҷик» дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда буд. Ҳайати мазкур аз ҷумла на танҳо Консепсияи таълифи китобҳои дарсиро аз фанни забон ва адабиёти тоҷикӣ таҳия намуд, балки тарҳи барномаҳои таълимиро низ омода карда буд. Мутаассифона, аз он вақт солҳо гузаштанд, ҳанӯз ҳам китобҳои дарсӣ ба усули кӯҳан ва дар заминаи барномаҳои кӯҳан таълиф мешаванд. Ҷавоби саволи китобҳои дарсӣ чӣ гуна бояд бошанд, дар Консепсияи мазкур хеле хуб ва равшан баён гардидааст. Шарҳи он дар ин ҷо мусоҳибаи мову шуморо тӯлонӣ мегардонад.

- Оё усули тадриси адабиёт дар мактабҳои кишвар шуморо қонеъ мекунад? Ин саволро ба он сабаб медиҳам, ки талабагони мактабҳои мо бештар тарҷумаи ҳол мехонанд ва ба моҳияти осори адибон камтар таваҷҷуҳ мекунанд...

- На, қонеъ нестам. Мутаассифона, усули таълими мо дар мактабҳои миёна (ба истилоҳи рӯз муассисаҳои таълимӣ) асосан нав нашудааст, ҳамоно кӯҳна боқӣ мемонад. Камина дар "Роҳнамои фанни адабиёти тоҷик. Синфи 8-ум" (Душанбе, 2020) ба саволи усули дарси адабиёт чӣ гуна бошад, ҷавоби муфассале дода будам. Хоҳишмандон метавонанд ба он мумиди дарсӣ мурочиат намоянд.

БАҲСИ "Ӯ"

- Панҷ сол пеш, дар арафаи 80-солагии шумо ҳамсуҳбат шуда будем ва суҳбати мо аз баҳси тағйири имло оғоз шуда буд. Бо гузашти 5 сол боз дар арафаи мавлуди шумо баҳси имло доғ шуд. Ин дафъа масъалаи ҳарфи "ӯ". Чаро бо ин ҳарф ҷанг эълон кардаанд ва чӣ сабаб аст, ки баҳси имло дар Тоҷикистон поён намеёбад?

- Сабабгори дубора сар задани ин баҳс рафтор ва гуфтори ғайриоқилона ва ғайриолимонаи баъзе олимони ба ном забоншинос ва ходимони бемасъулияти Кумитаи истилоҳот мебошад. Ин чӣ бемаънигӣ, ки "Фарҳанги имло" ба "Қоидаҳои имло" мутобиқат намекунад? Зимнан, мутаассифона, бисёре аз забоншиносони мо аз адабиёти пешина ва кунунии форсии тоҷикӣ огоҳии дуруст надоранд. Вагарна дар муқаррар намудани қоидаҳои имло ва тарзи навишти он зӯр зада танҳо ба гӯишҳои маҳаллӣ, ба маҳали худашон такя намекарданд. Як забоншиносе дар як маҷлиси ихтисосӣ дар бораи имло изҳор дошт, ки модари ман "ӯ"-ро талаффуз карда наметавонад, бинобар ин бардошта шавад. Ана меъёру мана меъёр. Ёбеду гиред. Худи ин ки мо адабиёти ҳазорсола надорем, мисли кӯчиён дирӯз соҳиби забону имлою хат шуда бошем.

КАРДАВУ НОКАРДА

- Бо вуҷуди он ки шумо солҳо дипломат ва сиёсатмадор будед, ҳамчунин пажӯҳишгари номошнои илми сиёсатшиносӣ ва робитаҳои байналмилалӣ ҳастед, вале муқаддам аз ҳама адабиётшинос ҳастед ва тавре дар дохили кишвар ва хориҷ аз он эътироф мекунанд - адабиётшиноси рақами 1-и Тоҷикистон. Аммо солиёни зиёд аст, ки чӣ дар Донишгоҳи миллӣ ва чӣ дар Академияи идоракунӣ аз сиёсатшиносӣ ва робитаҳои дипломатӣ дарс мегӯед, на аз адабиёт. Сабаб чист?

- Хоҳиш мекунам, саволҳои "ҷанҷолбарангез" надиҳед. Ман бо факултаи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллӣ зиёда аз бист сол ҳамкорӣ дорам. Дигар ин ки, зиёда аз 10 соли охир мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ будам. Вақту фурсат барои дарс гуфтан дар бахши адабиётро надоштам. Сабаби дигаре надорад.

- Дар фароварди суҳбате, ки 5 сол пеш доштем, гуфта будед, ки дар фикри таълифи рисолаҳои ҷудогона дар бораи Ҳофиз ва Лоиқ ҳастед. То кучо ин нақшаи шумо амалӣ шуд ва ба назари худатон, чӣ корҳои муҳими илмиву эҷодӣ ҳаст, ки бояд анҷом диҳед?

- Бале, аз пайи ичрои он рисолати ба зимма гирифтаам будам ва ҳастам. Фасли "Ҳофизи Шерозӣ"-ро барои ҷилди 3-и "Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ (аз даврони бостон то ибтидои асри XX)" навиштам, дар арафаи чоп аст. Барои китоб дар бораи Лоиқ то ҳол фаслу бобҳои "Лоиқ ва Мирзо Турсунзода", "Фарзона ва Лоиқ" ва "Гулназар ва Лоиқ"-ро навиштам ва нашр намудам. Бахшҳои "Лоиқ ва Муъмин Қаноат" ва "Бозор Собир ва Лоиқ" дар дасти таълиф мебошанд. Корҳои накардаам аз кардаҳоям зиёдтаранд...

ҲАНӮЗ БАРВАҚТ АСТ...

- Рӯзгори ҷолиберо аз сар гузаронидед. Оё дафтари хотира доред ва дар фикри таълифи ёддоштҳо ҳастед?

- Дафтари хотира дорам, вале афсӯс, ки муназзам нест. Ҳоло бештар эҳсос мекунам, ки доштани чунин дафтар лозим будааст. Фикри ёддоштнависӣ, гумон мекунам, ки барои ман барвақт аст ва мавриди муносибаш ҳам нарасидааст.

- Панҷ сол баъд, дар 90-солагиатон чӣ саволро аз шумо бипурсам?

- Аввал, ки Худованд мову шуморо ба он рӯз расонад. Сониян, бипурсед, ки чӣ ҳол доред ва чашни 90-солагиатонро дар кучо гузарониданиед, дар Уреч ва ё дар саробӯстонатон дар Варзиканда?

-Худо хоҳад ба он рӯз мерасем. Устоди азиз, дар поёни суҳбат шуморо аз номи аҳли қалами ҳафтаномаи "Тоҷикистон" ба муносибати 85-солагии мавлуданатон табрик мегӯем.

Мусоҳиб:
Одил НОЗИР



АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА, доктори илмҳои филология, профессор. Узви Фарҳангистони забону адаби форсӣ.

Солҳои 1963-1993 аспирант ва баъдан устоди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ). Дар ин фосила устоди Пуҳантуни Кобул (1985-1987) буд.

Соли 1993-2000 дар кори Маркази ҳамоҳангии нерӯҳои демократии Тоҷикистон дар ИДМ, Музокироти сулҳи тоҷикон, Комиссияи муштараки назорат бар оташбас ва Комиссияи оштии миллӣ фаъолият дошт.

Солҳои 1999-2006 муовини Вазири корҳои хориҷии ҶТ;

Солҳои 2006-2012 сардори Раёсати сиёсати хориҷӣ ва инкишофи робитаҳои иқтисодии берунаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ.

Солҳои 2012-2022 мудири шуъбаи таърихи адабиёт ва нашри осори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ.

Ҳоло раиси Бунёди байналмилалии «Рудакӣ» ва профессори ДМТ.

Таҳқиқоти илмии Абдунабӣ Сатторзода дар риштаҳои адабиётшиносӣ, таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, назарияи шеър, поэтика, нақди адабӣ, сиёсати хориҷӣ, таърихи дипломатияи миллӣ сурат гирифта, муаллифи беш аз 20 китобу рисола ва 500 мақола аст.

«Афкори адабӣ ва эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ» (1975), «Нуқтаи пайванд» (1982), «Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ» (2001), «Аристотель и таджикско-персидкая литературная мысль IX—XVвв» (2002), «Кӯҳна ва нав (дар шеър, нақд ва забон») (2004), «Дипломатияи муосири тоҷик» (дар ҳаммуаллифӣ, 2006), «Дипломатияи порлумонӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2000-2010)» (дар ҳаммуаллифӣ, 2010), «Такмилаи бадеи форсии тоҷикӣ (дар заминаи навиштаҳои пешиниён ва имрӯзиён)» (2011), «Аз Рӯдакӣ то Лоиқ» (2013), "Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана (Многовекторность в действии)" (2014), "Арзишҳои Ваҳдати миллӣ" (2017) ва ғ. аз осори муҳими ӯ ҳастанд.

Абдунабӣ Сатторзода барандаи Ҷоизаи ба номи Садриддин Айнӣ, дорандаи Ордени «Шараф» ва Ҷоизаи байналмиллалии Бедили Деҳлавӣ мебошад. Рутбаи дипломатии Кордори фавқулода ва мухтори дараҷаи як ва рутбаи тахассусии Мушовири давлатӣ дорад.

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН – ИНТИХОБИ ДУРУСТ БАРОИ ОЯНДАИ ДУРАХШОН!

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон яке аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии бонуфузи ҷумҳурӣ буда, ҳамчун ҳамқадами Истиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳри амалӣ гардонидани дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бахусус, дар омода намудани мутахассисони соҳаҳои саноати сабуку хӯрокворӣ ва иттилоотию зеҳни сунъӣ нақши калидӣ дорад.



Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон



Донишгоҳ дар давоми 35 соли мавҷудияташ барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар зиёда аз 20200 нафар мутахассиси рақобатпазирро тайёр намудааст, ки 680 нафарашон донишгоҳро бо дипломи аъло хатм карда, дар соҳаҳои калидии иқтисодиёти ҷумҳурӣ фаъолият карда истодаанд. Устодони донишгоҳ аз он ифтихор мекунанд, ки аз байни дастпарварони донишгоҳ вазирони вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кормандони мақомоти давлатӣ, раисони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, даҳҳо номзаду доктори илм ба камол расиданд. Хатмкардагони донишгоҳ дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Россия, Қазоқистон, Англия, ИМА, Олмон, Канада таҳсилро идома дода, соҳиби дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм гардида, фаъолияти пажӯҳишии худро идома дода истодаанд. Донишгоҳ барои дар сатҳи талаботи стандартҳои байналмилалӣ тайёр намудани мутахассисон дорои потенсиали баланди илмӣ-омӯзгорӣ ва заминаи мустаҳками моддию техникӣ мебошад. Дар донишгоҳ зиёда аз 90 синфхона бо тахтаҳои электронӣ ва асбобҳои мултимедиявӣ ҷиҳозонида шуда, дар ҷараёни таълим ва корҳои илмию таҳқиқотӣ беш аз 1000 компютер, 22 синфхонаи компютерӣ, зиёда аз 33 озмоишгоҳи таҳассусӣ мавриди истифода қарор доранд.

Мавҷудияти озмоишгоҳҳои таҳассусии таълимӣ, ҳамкории васеъ бо корхонаҳои саноатӣ имконият медиҳанд, ки донишҷӯён баъди хатми донишгоҳ ба талаботи бозори меҳнат тайёр бошанд ва соҳиби ҷойи кор гарданд. Донишҷӯён дар давоми таҳсил ба корхонаҳои саноатӣ, бонкҳо, ширкатҳо ба таҷрибаомӯзӣ ва гузаронидани дарсҳои таҳассусӣ ҷалб карда мешаванд. Донишҷӯён дар марказҳои омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ва дизайн иштирок намуда, маҳорати касбии худро метавонанд сайқал диҳанд ва нозукиҳои дӯхтани сару либос, зардӯзӣ, расмкашию нақшбандӣ дар армуғонҳоро аз худ намоянд. Инчунин, дар донишгоҳ аз рӯйи 36 ихтисос курсҳои кӯтоҳмуддати таълимӣ-сертификатсионӣ амал менамоянд.

Ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ васеъ буда, бо 140 таълимгоҳи олии хориҷи кишвар ҳамкорӣ дорад. Дар назди донишгоҳ фаъолият намудани Маркази муштараки Тоҷикистону Кореяи Ҷанубӣ оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯён забонҳои муосири барномасозиро аз худ намуда, тарзи барномарезии кори роботҳо ва саворaҳои беодамро аз худ намоянд. Донишгоҳ аз рӯйи 58 ихтисос дар зинаи бакалавр, аз рӯйи 38 ихтисос дар зинаи магистратура ва аз рӯйи 18 самти илмӣ докторантура аз рӯи ихтисос PhD мутахассис тайёр мекунад. Дар донишгоҳ ихтисосҳои нав-зеҳни сунъӣ ва иқтисодиёти рақамӣ таъсис дода шудааст, ки мутахассисонро мутобиқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ бо ҷалби мутахассисон аз Кореяи Ҷанубӣ омода менамояд.

Соли 2022 дар донишгоҳ Маркази забономӯзии Донишкадаи шоҳ Сеҷонги Ҷумҳурии Корея бо синфхонаи муосири лингофонӣ ифтитоҳ ёфт, ки дар он курсҳои забономӯзии куриёгӣ бо ҷалби омӯзгорон аз Кореяи Ҷанубӣ гузаронида мешаванд. Ҳамасола дар донишгоҳ озмунҳои “Ихтироъкори ҷавон” ва “Беҳтарин лоиҳаҳои инноватсионии донишҷӯӣ” гузаронида шуда, ғолибон бо мукофотҳои пулӣ ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда мешаванд. Дар назди кафедраҳои таҳассусӣ 20 маҳфили илмӣ-инноватсионӣ фаъолият намуда, барои баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии донишҷӯён мусоидат менамоянд.

ДОВТАЛАБОНИ ГИРОМӢ!

Агар шумо воқеан ҳам мутахассиси баландихтисоси дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷи мамлакат рақобатпазир шудан хоҳед, ихтисосҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро интихоб намоед.

Суроғаи донишгоҳ:
ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3
Тел. (+992 37) 234-79-88
234-79-90
Суроғаи электронӣ:
rectorat-tut@mail.ru,
http//www.tut.tj





РАМЗИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН РАҚАМИ 107 МЕБОШАД.



АНДЕШАҲОИ УСТОД ДАР ХОТИРОТИ МО ЗИНДААНД

Устод Ҳалимов Маҳмадӣ аз зумраи он омӯзгороне буд, ки ҳамчун як равшанфикр ва роҳнамои насли ҷавон солҳои тӯлонӣ баҳри тарбияи шогирдон хизмати содиқона намудааст.

Мавсуф дар деҳаи Мискинободи ноҳияи Файзобод таваллуд шудааст. Аз давраи ҷавонӣ касби омӯзгориро пешаи худ интихоб намуда, аз замони оғози фаъолияташ меҳру муҳаббат ба илму маърифатро омили асосии нумуъ ва инкишофи тамоми самтҳои ҳаёт медонист. Ӯ тайи беш аз 49 соли омӯзгорӣ талош намуд, то ин ки шогирдонашро дар рӯҳияи баланди инсонӣ ба камол расонад.

Устод муддати 26 сол роҳбарии МТМУ №10-и ноҳияи Файзободро ба зимма дошт. Марди бениҳоят хоксору заминиву самимӣ буд. Хонандагон аз ӯ на танҳо фанни дарсӣ, балки арзишҳои баланди инсонӣ, ҷасорат, ҳурмату эҳтиром, хислатҳои хубро меомӯхтанд. Ҳар як шогирд бо назари гарм ва самимият ба устод мурочиат мекард ва аз дарсҳои шавқовар илҳом мегирифт. Ӯ ҳамеша барои шогирдон вақтҳои изофӣ ҷудо менамуд, то боз ҳам савияи донишашонро баланд бардораду дар онҳо ангезаи пурсиш ва мутолиаро бедор намояд.

Бар замми омӯзгори пурмасъулият ва собиқадор будан, лаёқати хуби суханварӣ низ дошт. Дар ҳама гуна баррасиҳои илмӣ ва чорабиниҳои муассиса суханронӣ мекард ва ҳамчун як роҳбари маърифатпарвар шинохта шуда буд.

Устод Ҳалимов Маҳмадӣ яке аз беҳтарин омӯзгорони фанни забон ва адабиёт буду бо фаъолияти пурсамари худ тавонист таъсиргузор ба пешрафти шогирдон гардад.

Дареғо, ки баъди солҳои тӯлонии фаъолият ӯ аз байни мо рафт. Вафоти устод зарбаи сангин ба ҳамаи мо - омӯзгорону хонандагон буд.

Чеҳраи устод Ҳалимов Маҳмадӣ дар ёдҳову хотираҳои ҳамаи мо чун шахси меҳрубону соҳибандеша боқӣ хоҳад монд.

Устод ишорае дошт, ки “зиндагиро бояд бо равшанфикрӣ, меҳр ва ҷавҳари ҳаёт созед” ва ҳамин андешаҳо дар хотироти мо зиндаанд.

Назрулло ХОҶАЕВ,
омӯзгори МТМУ №10-и ноҳияи Файзобод

АЗ КИТОБИ СЕНДИ ГАЛЛ «НАПОЛЕОНИ АФҒОНИСТОН»


ОШИҚИ ТАРРОҲИИ САҲНАИ НАБАРД

(Идома аз шумораҳои гузашта)

Аҳмадшоҳ Масъуд дар ибтидои сентябри соли 1953 дар рустои кӯчаки Ҷангалак, дар ҳошияи рӯдхонаи Панҷшер, дар шаст мили Шимолу Шарқии Кобул дида ба ҷаҳон кушод. Хонаводаи ӯ тақрибан мураффаҳ буданд ва хонае бузург бо сақфи гунбадӣ, мушарраф ба Панҷшер доштанд, ки гуфта мешавад зеботарин рӯдхонаи Афғонистон дар он ҷараён дорад ва кӯҳҳо онро дар оғӯш гирифтаанд.

Масъуд дар муассисаи политехникии Кобул меъморӣ хонд ва баъдҳо барои худ хонае дар миёнаи ҷодаи Панҷшер, дар болои хонаи қадимиашон, бо ҳавзе барои шино, боғи бузург ва китобхонаи мудаввар сохт, маҷмӯае хайркунанда аз китобҳои шеъри кӯҳани форсиро, ки ҳар бинандаеро ба таҳсин во медошт, дар он гирд овард.

Масъуд дувумин писари Дӯстмуҳаммад, сарҳанги артиши салтанатии Афғонистон ва Бибӣ Хуршед буд, зане мудерн, ки дар миёнсолӣ хондану навиштан омӯхт ва хоҳони идомаи таҳсили писарон ва духтаронаш буд. Номи Масъуд баргирифта аз номи афсари саворанизоми



ҷавони афғон ва фармондеҳи муҳофизони Нодиршоҳ, императори Эрон буд. Падари Масъуд дар давраи хидматаш дар артиш ба маъмуриятҳои мухталиф мерафт ва дар ин сафарҳо хонаводаашро низ бо худ ҳамроҳ мегирифт. Дар яке аз маъмуриятҳо ба шаҳри Ҳирот рафт, шаҳри бостонӣ дар наздикии марзҳои Эрон, ки дар зери деворҳои аркҳои азими он Чингизхон ва Темурхон ҷангида буданд. Масъуд давраи дабистонро дар Ҳирот гузаронд ва баъдтар, вақте ки падараш ба Кобул эъзом шуд, таҳсилашро дар беҳтарин мактаби Афғонистон (маъруф ба мактаби Истиқлол) - як мактаби фаронсавӣ идома дод, ки бучети онро давлати Афғонистон таъмин мекард. Ӯ дар ин мактаб забони фаронсавиро омӯхт. Майкл Барри, зиндагиноманавис дар бораи шонздаҳсолагии ӯ менависад: «Масъудро наметавонистӣ набинӣ; чеҳрае вижа дошт - бинии уқобӣ ва нӯктез, бовиқор, гӯшагир ва дорои қудрати суханварӣ. Ҳангоме ки лабханди маъруфашро мезад, ситорае дар чашмонаш равшан мешуд».

Дар аксҳои давраи наврасии Масъуд, ӯ ҳамеша - монанди хоҳарон ва бародаронаш - бо либоси мактабӣ ба сабки даҳаи 1960 дар мактаби ибтидоӣ ва дабистон падидор мешавад: куртаи сафед ва шимҳои тира ба сабки ғарбӣ ва жакет ва галстук барои муносибатҳои хос ва барои хоҳаронаш домани сиёҳ, ҷӯроби сиёҳ ва рӯсарии сафед. Ҳарчанд пеш аз поёни даҳаи 1960 духтарони хушпӯши табақоти мӯҳтарафи ҷомеа ҷуръат карданд ва бо сари бараҳна ва домани кӯтоҳ вориди донишгоҳ шуданд.

Масъуд аз соли 1964 то 1971, ба унвони писари як низомӣ, наметавонист берун аз чорчӯби муайяне ҳаракат кунад ва ба он андозае, ки Барри ишора мекунад, ҳушу заковати худро ошкор созад.

Синфҳо аз ҷониби муаллимони фаронсавӣ ё афғоне, ки дар Фаронса таҳсил карда буданд, идора мешуданд ва таълим бо се забон - форсӣ, пашту ва фаронсавӣ сурат мегирифт. Масъуд, мисли дигар хонандагон, талаффузи дурусти вожаҳои фаронсавиро меомӯхт, ҳатто агар бархе аз ин вожаҳо хурд буданд ва майли чандоне барои тамрини онҳо вучуд надошт. Масъуд чанд моҳ пеш аз маргаш ба Ҳашмат Фирӯз, дӯсти меъмораш гуфта буд: «Бо ман фаронсавӣ суҳбат кун, ҳатто агар ман ба форсӣ ба ту посух диҳам». Ба гуфтаи Барри, мактаби фаронсавӣ барои Масъуд ба маънои ошноӣ бо варзишҳои аврупоӣ ва дӯстии бедағдаға бо хориҷиён буд. Баъдтар Масъуд дар вақти фароғат аз лагад задани тӯби футбол бо дигар муҷоҳидин лаззат мебурд. Ҳангоме ки дар даҳаҳои 1980 ва 1990 аз ӯ пурсиданд, шодтарин давраи зиндагият ба кадом давра рост меояд, посух дод: “Дабистон”. Забони фаронсавӣ дар Афғонистон аз олудагӣ ба адабиёти мустамликавӣ орӣ буд ва барои Масъуд навъе шогирдӣ ва ошноӣ бо ҷаҳони Ғарб аз даричаи забони фаронсавӣ ба шумор мерафт. Ӯ алоқаи бисёр ба зиндагӣ, таҷрибаҳо ва навиштаҳои генерал де Голл дошт ва шояд ин ба далели огоҳӣ аз рӯҳи муқовимат ва озодихоҳонаи ӯ буд.

Дар солҳои 2000 ва 2001 ӯ аз ҳамаи дӯстонаш (Меҳробиддин, Мастон Ҳумоюн, Тундар, Ҳашмат Фирӯз), ки дар Фаронса зиндагӣ мекарданд, хост ҷузъиёти сохтори давлатӣ, идорӣ ва низомии ин кишварро баррасӣ ва ҷамъоварӣ кунанд.

Солҳои 1964 то 1971 солҳои таъйинкунанда ва сомонбахши дастгоҳи фикрии «Масъуди фаронсавӣ (ё парижӣ)» буданд; ҳамон гуна ки мухолифони исломгарои муҳофизакори ӯ, аз ҷумла Гулбиддин Ҳикматёр, то исломгароёни тундрав, монанди Толибон, мегуфтанд ва бо истифода аз ин алфоз мекӯшиданд ӯро дар миёни мардум беэътибор созанд.

Масъуд ҳаргиз англисӣ наомӯхт; шояд ба ҳамин далел дар миёни рӯзноманигорон ва мақомоти фаронсавӣ нисбат ба англисиҳо ҳамдардии бештаре дарёфт кард. Амрикоиҳо нисбат ба Масъуд - муҳимтарин раҳбари ҷабҳаи муқовимат дар даҳаҳои 1980 ва 1990 бисёр бетараф буданд. Ман низ, вақте бори аввал Масъудро дидам, бо ӯ ба фаронсавӣ суҳбат кардам. Масъуд хонандае дурахшон буд; дар риёзиёт кӯшишкор ва боистеъдод буд ва мисли бисёре аз наврасоне, ки зуд ба камол мерасанд, бисёр қавӣ буд. Дӯстонаш ӯро шахсе ҷаззоб, ҷиддӣ, мармуз ва пухтатар аз синнаш тавсифаш мекунанд. Ба гуфтаи Бэрри, Масъуди ҷавон саволҳои бисёре дар бораи масъалаҳои ахлоқӣ ва сиёсӣ матраҳ мекард, ки барои синни навраси мисли ӯ барвақт буданд. Ӯ аввал бояд низоми ҷаҳониро дарк кунад ё ҳадди ақал сохтори кишвари худро бифаҳмад, баъд ба сӯи ҷаҳон биравад. Ба варзиш ва шоҳмот алоқаманд буд ва аз саргармиҳои беҳуда канорагирӣ мекард.

Ҷанги шашрӯза дар наврасии ӯ рух дод ва ба такомули фикрии вай кумак кард. Дар ин ҷанг нерӯи ҳавоии Исроил дар июни соли 1967 ба Миср ҳамла кард. Масъуди чордаҳсола дар канори падараш ба суханони Ҷамол Абдуносир, раисҷумҳури Миср ва дигар раҳбарони араб дар ахбори ҷанг аз радиои форсии “ВВС” гӯш медод. Шавқи ӯ ба муборизаҳои низомӣ аз ҳадди одӣ фаротар рафт. Дар тӯли таътилот ва замони фориғат бо ҳамсинфҳояш дар бораи таҳаввулоти рӯзонаи майдони набард суҳбат мекард ва муодилаҳои низомиро ба онҳо дарс медод. Масъуд баъдтар мегӯяд, ки ҷанги шашрӯза ӯро маҷбур ба «сарбоз будан» кард ва ҳамчунин ин ҷанг нахустин рӯёрӯии ӯ бо миллатгарои исломӣ буд. Шунидани таҷрибаҳои сарбозони урдунӣ, ки барои дифоъ аз Байтулмуқаддас вориди майдон шуда буданд ва мисриҳову суриягиҳое, ки барои дифоъ аз кишварашон меҷангиданд, таъсири фаровоне бар ӯ гузошт.

Масъуд китобҳои мактабиашро фурӯ мебурд ва ба ҳамсинфҳояш дарс медод. Дарсҳои тақвиятии риёзӣ, физика ва химияро дар вилои падариаш, пушти синамои “Баҳористон”, ба таври ройгон баргузор мекард; ташнагии ҳамроҳсозӣ ва омӯзиш аз ҳамон солҳо дар ӯ равшан шуд; аммо инҳо ӯро қонеъ намекарданд. Масъуд зери назари падараш низом, иқтидор, шавқ ба умури низомӣ, сахтгирии интизомӣ ва иштиёқ барои ёфтани роҳҳалҳои ичрошавандаро омӯхта буд ва ҳамин ба ӯ эҳсоси қудрат медод.

Як рӯз ҳамсинфҳояш бо ниҳояти тааҷҷуб диданд, ки ӯ дар ҳоли дифоъ аз шогирдони заиф аст. Дар автобуси мактабӣ, ки донишомӯзонро ба хона мебурд, се писари дуруштандом ва қулдур писари резанақш ва хеле хурдтар аз худашонро азият мекарданд. Дар истгоҳ Масъуд ҷузвдон ва китобҳояшро ба дасти яке аз дӯстонаш дод ва бо се зарба се қулдурро ба ҷойи худ нишонд. Вақте аз бародараш «Аҳмад Валӣ» пурсидам: оё фикр мекунӣ кораш дуруст буд? Гӯё ҳанӯз мабҳут аз ҳавои он рӯзҳо бошад, гуфт: бале, ӯ бародарам буд. Масъуд ин ҳаракатро бори дигар анҷом дод, ҳангоме ки муаллими русиро дар политехник аз по даровард...

(Давом дорад)

10 ФОИДАИ РЎЗА БА САЛОМАТӢ



РЎЗА ДОШТАН ДАР МОҲИ ШАРИФИ РАМАЗОН ЯКЕ АЗ ФАРЗҲОИ МУҲИМЕСТ, КИ ҲАР ЯК ШАХСИ МУСАЛМОНИ БОЛИҒ, СОЛИМАҚЛ ВА ТАНДУРУСТ БОЯД БА ҶО ОВАРАД. ТАДҚИҚОТҲОИ ОЛИМОНИ СОҲАИ ТИБ НИШОН МЕДИҲАНД, КИ РЎЗА ГИРИФТАН БАРОИ САЛОМАТӢ НИЗ ФОИДАҲОИ ЗИЁДЕ ДОРАД, КИ 10-ТОИ ОНРО МАНЗУРИ ШУМО МЕКУНЕМ.

1. ТОЗА ШУДАНИ ҶИСМ

Бо шарофати рӯзадорӣ ҷисми инсон аз дарун тоза мешавад. Рӯзона аз хӯрдану нӯшидан даст кашидани шахси рӯзадор боиси он мегардад, ки равғанҳои шикам ва дигар қисматҳои бадан об шуда, захрҳои дар организм ҷамъшуда аз ҷисм хориҷ гарданд.

2. БАЛАНД ШУДАНИ ИММУНИТЕТ

Дар сурати риоя намудани қоидаҳои рӯзадорӣ гирифтани рӯза боиси пурқувват гаштани иммунитети инсон хоҳад гашт. Барои ин, шахси рӯзадор бояд субҳу шом, яъне ҳангоми саҳархӯрӣ ва ифтор ғизои солим истеъмол намояд.

3. ГУРЕЗ АЗ БЕМОРИҲОИ ИЛТИҲОБӢ

Исбот шудааст, ки рӯза гирифтан боиси кам шудан ва ҳатто тамоман нест шудани нишонаҳои бемориҳои илтиҳобӣ дар организми инсон мегардад. Гирифтани рӯза ҳамчунин касро аз аллергия ва бемориҳои артрит ва псориаз халос мекунад. Табибон тахмин мекунанд, ки рӯза гирифтан боиси тезтар халос шудан аз бемориҳои рӯда, аз ҷумла “язвенный колит” гашта метавонад.

4. РӮ БА ҶАВОНӢ

Ҳангоми рӯзадорӣ дар ҷисми инсон ҷараёни бозсозии дохилӣ оғоз ёфта, дар натиҷа пӯст ҷавону пуртароват мегардад ва нури чашм равшантар мешавад. Аз ҳамин сабаб, баъди моҳи шарифи Рамазон чашмони инсон дурахши тоза пайдо мекунанд.

5. ЭЪТИДОЛИ САТҲИ ҚАНД

Ҳангоми рӯзадорӣ ҷисми инсон ба инсулин ҳассостар мегардад, ки ин бисёр муҳим аст. Ҳассосияти ҷисм ба инсулин намегузорад, ки баъди хӯрдани хӯрок сатҳи қанд дар ҷисми инсон баланд шавад. Барои кори бонизоми ғадуди зери меъда низ ин бисёр муҳим ва фоидаовар аст.

6. ФОИДАИ РӮЗА БА РӮДАЮ МЕЪДА

Рамазон давраи истироҳати рӯдаю меъдаи шахсони рӯзадор мебошад. Агар кас баднафсӣ карда, субҳу шом аз ҳад зиёд хӯрок нахӯрад, кори системаи ҳозимааш бехтар гашта, аз бисёр дарду иллатҳои рӯда ва меъда халос мешавад.

7. ФИШОРИ ХУН ПАСТ МЕШАВАД

Рӯза гирифтан боиси паст шудани фишори хун мегардад. Аз ҳамин сабаб, аксари шахсоне, ки аз бемории фишорбаландӣ азият мекашанд, дар давраи Рамазон худро бехтар эҳсос мекунанд. Фишори хун ба низом медарояд, агар шахси рӯзадор речаи хӯрокхӯриро ҳангоми саҳархӯрӣ ва ифтор дуруст ба роҳ монда, ба парҳез риоя намояд.

8. КАМ ШУДАНИ ВАЗНИ ЗИЁДАТӢ

Дар давраи Рамазон дар ҷисми инсон ҷараёнҳое, ки боиси тезтар партофтани вазни зиёдатӣ мегарданд, фаъол мешаванд. Дар натиҷа равғанҳои бадан об шуда, кас тезтар лоғар мешавад. Дар сурати кам кардани истеъмоли хӯрокҳои серравған, хамирӣ ва қанду ширинихо шумо баъди Рамазон низ химчамиён мемонед. Аммо барои он ки ҷисматон қуввату нерӯ бигирад, бояд бештар меваю сабзавоти тару тозаро нӯши ҷон созед.

9. ШАВҚ БА ҒИЗОИ СОЛИМ

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки маҳз дар давраи Рамазон одамон аз баҳри хӯрдани фастфуд, ҳасиб, обҳои газнок ва дигар хӯрокҳои нимтайёри зараровар гузашта, ғизои солим истеъмол мекардагӣ мешаванд. Бештар истеъмол кардани хӯрданиҳои табиӣ ва ғизои аз нигоҳи экологӣ тоза ҷисми инсонро бо витамину минералҳои зарурӣ таъмин намуда, кас ба тарзи ҳаёти солим одат мекунад.

10. ХАЛОСӢ АЗ ОДАТҲОИ БАД

Рӯза гирифтан барои халос шудан аз одатҳои бад ёрӣ мерасонад. Шахсоне, ки ба маю шароб майл доранд, тамоку ё нос мекашанд, дар моҳи шарифи Рамазон тарки ин корҳо намуда, хуморашон камтар мешавад.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар давоми ҳафта бо нафаре муноқиша карданатон имконпазир аст, ки айни замон дар кишвари дигар қарор дорад. Сабабҳо барои низоъ карданатон зиёд мешаванд. Ба ҳар коре, ки даст мезанед, сараввал оқибаташро андеша намоед.



Савр
21.04 - 21.05

Дар давоми ҳафта монеаву душвориҳо ё ҳодисаҳои ногувор табъатонро хира месозанд. Дар ҳаёти яке аз дӯстон, ҳамсоя ё ҳамкоронатон ҳодисаи ногаҳонӣ ё хатарнок рух медиҳад. Муноқиша бо нафаре ба ҳолати рӯҳиятон таъсири бад мерасонад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Агар дар давоми ҳафта ба сафару саёҳат бароед, зимни робита бо одамон дучори баҳсу мунозира мегардед. Нафаре аз аҳли оила як қисми пулҳои шуморо сарф карданӣ мешавад. Давоми ҳафта эҳтимоли гум шудани ҳуҷҷати муҳим дар назар аст.



Саратон
22.06 - 23.07

Дар ҳафтаи нав робитаҳои телефониву дигар намуди иртибот бо нафарони бароятон азиз зиёд мегардад. Дар ин рӯзҳо молҳои қиматбаҳои худро ба дасти фарзандону нафарони хурдсоли оила надиҳед. Дар муносибатҳои ошиқона сари қарори муҳим меоед.



Асад
23.07 - 22.08

Кӯшиш намоед, ки тамоми мушкилоти оилавиро бартараф намоед. Ҳафта барои таъмир мусоидат мекунад. Дар давоми ҳафта яке аз наздиконатон ба роҳи дур сафар мекунад. Ҳамзамон аз комёбиву бурдбории дӯстону шиносҳои худ ба вачд меоед.



Сунбула
23.08 - 22.09

Агар шумо дар мучали Сунбула тавлид ёфта бошед, аз ғалату камбудиҳое, ки пештар содир намуда будед, барои худ дарси ибрат гирифтанатон лозим аст. Дахолати нафаре ба корҳои оилавиятон ногувор хоҳад буд.



Мизон
25.09 - 22.10

Ҳафта барои истироҳат ва саёҳат мусоидат мекунад. Вақти бештари худро бо аҳли оила сипарӣ намоед. Муносибати худро бо ҳамкорон бехтар сохта, аз дағалгуфторӣ худдорӣ намоед. Дар давоми ҳафта хабари вобаста ба ҳомилашавӣ ё тавлиди фарзандро мешунавед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Дар давоми ҳафта ба сафару саёҳат баромаданро тавсия медиҳем. Нафарони мучаррад зимни чунин сафар бо нафаре шинос шуда метавонанд, ки ба ӯ сахт дил мебанданд. Мутаассифона, ишқи шумо даргузар аст, аз ин рӯ, ба эҳсосот дода нашавед.



Қавс
25.11 - 21.12

Баъзе зодагони мучали қавс эҳтимоли дар вазифа боло рафтанро доранд. Бо шарофати дар маркази диққат қарор доштанатон нақшаҳои начибтарини худро амалӣ мегардонед. Ҳама гуна хариде, ки барои аҳли оила мекунед, бобарор анҷом меёбад.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар ин ҳафта бо дили пур аз пайи харид кардани маҳсулоти хӯрокворӣ шуда метавонед. Вале қабл аз он ки ба мағоза ё бозор мераведа, рӯйхати маҳсулоти лозимаи худро тартиб диҳед. Кӯшиш намоед, ки танҳо чизҳои даркории худро харидорӣ намоед.



Далв
21.01 - 19.02

Қувваву нерӯеро, ки моҳҳои гузашта аз даст дода будед, аз нав барқарор карда метавонед. Аз нав ба қувваи худ эътимод мебандед. Маҳз дар ҳамин шабу рӯз хабари оличаноб шунида, мушкилоти молиявии худро бартараф карда метавонед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Мушкилоти ногаҳонӣ дар оила боиси ба шигифт омадани шумо мегардад. Нафаре ба корҳои оилавиятон дахолат карданӣ шуда, оромии шумову наздиконатонро халалдор месозад. Дар давоми ҳафта аз гирифтани тухфаи ногаҳонӣ ба ҳайрат меоед.

ПАЙВАНДГАРИ ХАЛҚҲО



АЗ МИЁНИ ОЛИМОНИ ТОҶИК КАМ АФРОДЕРО МЕДОНЕМ, КИ БАРОИ ТАҲКИМИ ПАЙВАНДҲОИ ИЛМИВУ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКОН БО ХАЛҚИ РУС ЧАНДИН ДАҲСОЛАИ УМРИ ХУДРО САРФ КАРДА БОШАНД. ЯКЕ АЗ ЧУНИН ШАХСИЯТҲОИ МАЪРИФАТГУСТАР ФАРДИ ДОНИШМАНДУ ХУДОГОҲ, МУҲАҚҚИҚ ВА ШАХСИЯТИ ИЛМИВУ ФАРҲАНГӢ МИРЗО ДАДОХОНОВ ҲАСТАНД.



Хатмкардаи факултети таъриху филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинобод (алҳол Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров), аз мактаби илмии шуъбаи ленинградии забоншиносони номвари Пажӯҳишгоҳи забоншиносии Академияи илмҳои собиқ кишвари шуравӣ таълим гирифта, ба дифои рисолаи номзадӣ дар риштаи таърихи забонҳои эронӣ муваффақ шуда ва оид ба хусусиятҳои грамматикии тафсирҳои форсиву тоҷикии садаҳои XV-XVIII кори арзишмандеро ба сомон расонидаанд. Аз соли 1972 то 1998 дар ДДОЛ - ДДХ фаъолияти омӯзгорӣ дошта, дар ин миён ҳафт сол мудири кафедраи забоншиносии умумӣ ва таърихи забони тоҷикии ҳамин муассисаи олии таълимӣ буданд.

Солҳои 90-уми садаи гузашта барои тамоми кишварҳои собиқ шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистони мо марҳалаи хеле ҳассос ва пурпечутоби гузариш ба давраи нав буд, ки аксари зиёиён дар пешорӯи имтиҳони ҳаёт қарор доштанд. Маҳз дар ҳамин давра ба хотири дастгирии олимон Мирзо Дадохонов тасмим гирифтанд, ки ташкилоти ҷамъиятии Хазинаи хайриявии байналмилалии «Эҳёи Аҷам»-ро таъсис диҳанд ва дар заминаи он ба нашри мақоллаи илмии «Эҳёи Аҷам» камари ҳиммат банданд. Шумораи аввалини ин мақолла соли 1998 интишор ёфт ва фаъолияти он то соли 2003 идома дошт. Дар он бахшҳои ҳуқуқ, фалсафа, забон, адабиёт ва санъат ҷой ёфта буданд ва дар ин нашрия олимони зиёде маҳсули пажӯҳишҳои худро ба табъ расониданд.

Идомаи кори устод Мирзо Дадохонов дар шаҳри Маскав сурат гирифт. Дар ин ҷо қобилияти корҳои ташкилӣ, яъне созмондеҳи илм будани эшон боз бештар падид омад. Бахусус, ки ворид шудан ба ҳалқаҳои илмии эътирофшудаи Русия барои як нафаре аз Осиёи Марказӣ кори саҳлу сода набуд, аммо Мирзо Дадохонов тамоми монеаҳоро паси сар карда, бо ҳунари суҳандонӣ ва дилёбии худ ба муҳит ва фазои илмиву адабӣ ва фарҳангии русӣ роҳ ёфтанд ва соҳибэҳтиром гаштанд.

Ҳамкорӣ бо донишмандони Маскав, шарқшиносони маъруф Н. И. Пригарина, Ҷ. Дурри, М. Л. Рейснер, забоншиносони номвари рус В. А. Лифшитс, И. М. Стеблин-Каменский ва дигарон самти наверо дар фаъолияти илмиву фарҳангии эшон боз кард.

Таъсиси мақоллаи «Ирано-Славика», ки аз номаш ҳам муҳтаво ва рисолати пайвандгариаш маълум аст, дар фазои илмиву иттилоотии ду кишвар - Тоҷикистон ва Русия як падидаи воқеан нав ва писандида буд. Эшон кӯшиш карданд, ки чандин нафар олимони барҷастаи тоҷик, рус, эронӣ ва Ғарбу Шарқро ба ҳайати таҳрир ворид карда, бо шахсият ва фаъолияти илмии онҳо хонандагони мақолларо ошно кунанд. Дар он рӯзгоре, ки аксари нашрияҳо ҳамагӣ чанд шумора чоп шуда, хеле зуд аз миён мерафтанд, ин мақолла, ки фаъолияташ аз соли 2004 шуруъ шуд, беш аз шонздаҳ сол дар рушди ҳамкориҳои олимони Тоҷикистон, Эрон ва Русия хидмат кард ва дар мақмуъ 38 шумораи он бо тиражи то ду ҳазор нусха интишор ёфт. Мақолла доираи васеи олимон ва муҳаққиқони шарқшиносро фаро гирифта, дар рушди тадқиқоти байнифарҳангӣ миёни халқҳои эронӣ ва славянӣ мусоидат кард. Он бо грифи Марказҳои ХХБ "Эҳёи Аҷам", ХХБ "Ирано-Славика", Институти шарқшиносии АИР ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров бо шиори «Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» ба табъ мерасид. Директори генералии лоиҳа ва муовини сармуҳаррир, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Мирзо Дадохонов, сардабири мақолла доктори илмҳои филологӣ, Наталя Илинична Пригарина, муассисони он Хазинаи хайриявии «Эҳёи Аҷам» (Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва Хазинаи хайриявии «Ирано-Славика» (Федератсияи Русия) мебошанд. Дар ҳайати таҳрири он солҳои зиёд олимони Тоҷикистон, аз ҷумла Акбари Турсон, Маҳмадшо Илолов, Ҷӯрабек Назриев, Кароматулло Олимов, Мирзо Муллоаҳмадов, Абдулманнон Насриддинов, Тоҷиддин Мардонӣ, Раъно Самадова, Матлуба Хоҷаева ва дигарон қарор доштанд ва бо ин мақолла ҳамкорӣ мекарданд. Матолиби мақолла ба забонҳои русӣ, англисӣ, тоҷикӣ ва бо хати форсӣ низ чоп шуда, маъмулан мавзуҳои филологӣ: забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, фарҳангшиносӣ, робитаҳои адабӣ, гуфтугӯи тамаддунҳо, таърих, фалсафа ва ғайраро дар бар мегиранд.

Яке аз матлабҳои муҳим ва пурбори ин мақолла «Русский Хафиз», яъне Ҳофиз дар тарҷума ба забони русӣ ва шарҳҳо мебошад, ки онро аз нахустин шумораҳо сар карда, Н. И. Пригарина, Н. Ю. Чалисова ва М. А. Русанов таҳия ва пешниҳод кардаанд. «Илоҳинома» ва «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридуддини Аттор дар тарҷумаи Л. Қ. Лоҳутӣ, маълумоти муфид дар бораи аҳли илму адаб, корномаи мутарҷимон, ёдномаи донишмандон аз саҳифаҳои рангини ин мақолла аст, ки дар нашри ин маводи хондании хидмати М. Дадохонов воқеан мондагор аст.

Мирзо Дадохонов тайи чанд сол ба ҳайси мушовир-коршиноси бахши фарҳангии сафорати ҶИЭ дар ФР, ҳамоҳангсози барномаи махсуси назди Девони вазирони ФР дар манотиқи Шарқи Наздик кор кардаанд ва узви садорати Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон - "Пайванд" мебошанд.

Мақолаҳои эшон на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар кишварҳои дигар - Русия, Афғонистон ва Эрон низ ба табъ расидаанд. Китобҳои Мирзо Дадохонов «Хусусиятҳои грамматикии тафсирҳои форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои ХУ-ХУ111» дар Санкт-Петербург, «Мухтасаре аз таърихи тадқиқи забони адабии классикӣ» дар Хуҷанд ва «Тафсирҳо ва моҳияти онҳо дар омӯзиши грамматикаи таърихӣ» дар шаҳри Маскав интишор ёфтаанд, ки аз паҳнои ҷуғрофии интишороти эшон дарак медиҳанд. Таҳқиқоти эшон дар заминаҳои забон, таърих, фарҳанг ва тамаддуни форсӣ-тоҷикӣ, ҳамкорӣ бо аҳли илму адаби Русия ва Эрон дар доираи лоиҳаҳои байналмилалӣ, иштирок дар нашри мақоллаҳои илмӣ ва конфронсу симпозиумҳои сатҳи ҷаҳонӣ эшонро ҳамчун як зиёии маърифатгустар ва илмпарвар дар доираҳои илмиву адабии кишварҳои форсизабон ва Русия муаррифӣ кардааст.

Мирзо Дадохонов бо сипосномаи Мушовири Президенти Федератсияи Русия, Раиси барномаи комплексии инвеститсионии ММПП В. С. Черномирдин ва ифтихорномаҳои зиёди кишварҳои Русияву Тоҷикистон барои саҳми шоиста дар густариш ва тарғиби илму фарҳанги тоҷик дар Федератсияи Русия ва берун аз он сарфароз гардидаанд. Эшон бо вуҷуди он ки дар Маскав зиндагӣ ва фаъолият доранд, бо Тоҷикистон ва дӯстони тоҷики худ пайваста дар робита ва ҳамкорӣ ҳастанд. Дӯстони содиққадам - номзади илмҳои техникӣ, соҳибкори номвар Мақсудҷон Зиёбоев, профессорон Саидҷон Каримов, Нуруллохон Ғиёсов, Абдураҳим Ҷӯраев, номзадҳои илм, дотсентон Абдуҳафиз Азизов, Абдураҳмон Мирсаидов, Раҳматҷон Аҳмадов, устодони шодравон профессор Абдуманнони Насриддин, дотсент Саидмухтор Ҷалолов ва даҳҳо шахсиятҳои маъруфи дигар дар ҳалқаи муҳибон буданду ҳастанд. Ҳамкорони эшон аз Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ва аз муассисаҳои илмиву фарҳангии дигари кишвар низ устодро ба муносибати солгарди ҳафтоду панҷумини умри пурсамарашон самимона муборакбод мегӯянд ва барояшон дар идомаи пуршарафи ташаббусҳои илмиву фарҳангӣ барору комёбӣ орзуманданд.

Матлубаи МИРЗОЮНУС,
профессор

МАВЛУДНОМА

26 ФЕВРАЛ

Меҳрӣ Абдуллоева (1931), 95-солагии зодрӯзи раққоса, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Абдулатиф Абдуқаҳҳоров (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Қурбон Маҷиддин (1926-1978), 100-солагии зодрӯзи шоир.

Шафӣ Шарифов (1896-1987), 130-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

27 ФЕВРАЛ

Абдунабӣ Сатторзода (1941), 85-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Қумрӣ Ҳакимова (1926), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

28 ФЕВРАЛ

Олимхон Исматӣ (1951), 75-солагии зодрӯзи шоир.

Умар Зиёев (1951-2024), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Нақиб Сабурӣ (1946), 80-солагии зодрӯзи шоир.

Ҷамшед Фақиров (1966), 60-солагии зодрӯзи журналист.

1 МАРТ

Вадим Коновалов (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

Мавлон Пӯлодов (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Ҷаббор Саломов (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Ҷавҳарӣ Саъдуллобеков (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Неъмат Шариф (1931-2004), 95-солагии зодрӯзи шоир.

Сангмад Шеров (1951-2008), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

2 МАРТ

Холмаҳмади Мавлон (1951-2022), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

Раҳимҷон Раҳматуллоев (1956), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб.

3 МАРТ

Неъматуллои Додо (1966), 60-солагии зодрӯзи нависанда.

Саидалӣ Муҳиддинов (1956), 70-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

4 МАРТ

Фарҳод Қараев (1966), 60-солагии зодрӯзи муаррих.

Имомназар Қудратов (1946), 80-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Саидфаррухшо Шоҳзодамуҳаммад (1866-1938), 160-солагии зодрӯзи табиб, нуҷумшинос.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

1-ҲУҶРАГӢ

НОҲИЯИ СИНО

➔ 1-ҳуҷрагӣ, қабати 1, к. С. Шерозӣ 15, 410 000 сомонӣ, савдо мешавад. Тел.: 918-20-67-55, 93-151-77-00

НОҲИЯИ ФИРДАВСӢ

➔ 1-ҳуҷрагӣ, "Султони Кабир", мефурӯшам ё бо 2-ҳуҷрагии дорои таъмир иваз мекунам, қабатҳои 2-3-ро пешниҳод кунед. Тел.: 904-45-32-11

2-ҲУҶРАГӢ

НОҲИЯИ СИНО

➔ 2-ҳуҷрагӣ, 67 м.м., қабати 4, собиқ бозори "Ҷал Ҷам", 610 000 сомонӣ, савдо мешавад. Тел.: 918-20-67-55, 93-151-77-00

ИҶОРА МЕДИҲАМ

НОҲИЯИ СИНО

➔ Ҳавлӣ, 3 дар хона, Яккачинор, ба оиладорон иҷора медиҳам, ба муддати дароз. Тел.: 202-41-50-00

ИҶОРА МЕГИРАМ

1-ҲУҶРАГӢ

➔ Оила хонаи 3-ҳуҷрагиро ба муддати дароз иҷора мегирад, Сирк, Гулистон, Профсоюз, марказ. Тел.: 935-340-330

ВАКАНСИИ

Ба ширкати хӯрока намояндагони савдо, борпечон, коргарон (упаковщики, заявщики) лозиманд. Тел.: 904-47-28-29, 974-65-53-35 (ватсап)

КОРГАР МЕГИРЕМ

➔ Рӯбучини хона. Тел.: 988-26-36-43, 555-59-21-63

➔ Рӯбучини хона (по часам). Зарфшӯй дар маъракаҳо. Тел.: 110-82-82-10

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 931-47-17-13

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

ХИЗМАТРАСОНИИ ГУНОГУН

➔ Репетитори забони русӣ. Тел.: 91-718-27-17

➔ Таъмири пурраи хона, аз А то Я. Арзон. Тел.: 919-10-10-18

➔ Стяжка, зардеворӣ, кафел, ламинат, гипсокартон, рангмолӣ. Тел.: 88-111-55-93

➔ Таъмири хона, корҳои сантехникӣ, чидани плита. Устои соҳибтаҷриба. Тел.: 872-13-02-02, 974-28-31-28, Мирзо

➔ Бандубаст ва ба қисмҳо ҷудо кардану таъмири мебел. Тел.: 917-05-77-05

Таъмири яхдон, кондитсионерҳо, мошинаҳои ҷомашӯй. Босифат, бокафолат. Тел.: 93-447-05-71, 917-55-05-71

Насби қубури об (батарей), ванна, унитаз, мошинаҳои ҷомашӯй, термексҳо. Тел.: 918-722-822

➔ Газовик. Тел.: 988-61-10-57

➔ Устои брусчатка (укладка тротуарной брусчатки). Тел.: 104232005, усто Ҳамза

МЕФУРӮШАМ

ГУНОГУН

➔ Ҷевон (стенка) аз 5 қисм, истеҳсоли Беларус, ҷевони либос, мизи миллӣ, матрас аз поролон, шишаи таҳмонаки телевизор, мошинаи дарздӯзӣ (ножний), қолини Қайроққум 2х3, карниз ва ғайра мефурӯшам. Тел.: 87-696-20-00

➔ Мошинаи дарздӯзӣ, насоси об "Адыгея", бочкаи филизии 200-литра мефурӯшам. Тел.: 908-55-93-11

➔ Дару тирезаи пластикӣ, курпа, курпача, зарфҳо, бонка, ҳезум, гарнитури хуб, қолин мехарам. Тел.: 931-47-17-13

МЕХАРАМ

ГУНОГУН

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобу анҷом, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти даврони шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, коғазпора мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

Зарфҳо, қолинҳо, флягҳо, асбобҳои давраи шуравӣ, танга ва дигар чизҳоро мехарем. Тел.: 903-00-91-40, 985-49-40-29, 919-77-47-43

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

ЭЪТИБОР НАДОРАД

➔ Шаҳодатномаи №6, ба номи Исмоилзода Бахтиёр Комилҷон, КВД "Савдо ва хӯроки умумӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Ёров Абдусалом Умарович, бо суроғаи н. Вахш, ҷамоати Машъал, деҳаи Меҳробод, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, рақами қайд №0262975, аз 31.03.2021, ба номи Ёров Абдусалом Умарович, н. Вахш, ҷамоати Машъал, деҳаи Меҳробод, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ РСБ (Рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ) ҶДММ "Симурғи Ҳисор", 0916AGAAAADD, ки санаи 15.03.2023 аз Нозироти андоз дар ш. Ҳисор дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатнома, иқтибос ва ИНН ҶДММ "Симурғи Ҳисор", №0275808, РЯМ: 0910010915, РМА: 090017145, ки санаи 01.11.2022 аз Нозироти андоз дар ш. Ҳисор дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, Т-ШТУ №0491338, ба номи Абдулазизов Фарҳод Абдукаримович, ки санаи 18.06.2012 аз МТМУ №54-и н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, Т-ШТУ №0497887, ба номи Нарзуллоев Шахром Карроматуллоевич, ки соли 2012 аз ҷониби МТМУ №54-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, ба номи Хамидова Махина Рустамовна, ки соли 2014 аз ҷониби МТМУ №20-и н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Зокирова Раҷабгул Тошмахмадовна, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Зафар, бе рақам, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №1Ш-1014 аз 07.07.2020 ба номи Зоиров Толибҷон Абдусаломович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Абай, хонаи 38, ки дар нотариуси Идораи давлатии нотариалии н. Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти рақами 8Д-907 аз санаи 28.02.2002, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе ба номи Шоқулов Рустам Имонқулович бо суроғаи н. Сино, кӯчаи Маяковский, хонаи 13, квартираи 54 дода шудааст ва шиносномаи техникии хонаи мазкур бо сабаби гум шудан эътибор надоранд.

➔ Шиносномаи техникӣ, №7176, аз 18.01.2013, ба номи Ҷалилов Сиёвуш Нуриддинович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Абай, хонаи 38, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи такмили ихтисос: Расонидани ёрии фаврӣ ва таъҷилии тиббӣ, барои кормандони миёнаи тиб, №000129, аз 14.02.2025, ба номи Аюбова Халиса Сайфидиновна, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Салихова Марифат Бобохоновна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Панҷрӯд 86Б, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ ба номи Фаёзов Зокирҷон, РЯМ: 0730064161, РМА: 075702361, санаи таъсис 20.07.2012, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонии "Иброҳим 2019" ба номи Рӯзиматова Насиба, РЯМ: 00730204796, РМА; 075622538, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

➔ ҶДММ "Симурғи Ҳисор", №0275808, РЯМ: 0910010915, РМА: 090017145, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ ҶДММ "Ҷамшед сохтмон", РЯМ: 0710011508, РМА: 070018554, ки аз 20.10.2022 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

КОНДИТСИОНЕРҲО,ЯХДОНҲО, ҚОЛИНҲО, КАТҲОИ 2-ҚАБАТА, ДАРУ ТИРЕЗА, ГАРНИТУРИ ХОБ ВА ОШХОНА, ЗАРФҲО, ҚОЛИНҲО, МЕБЕЛИ МУЛОИМ (ТРОЙКИ), ҶЕВОНҲО (СТЕНКИ), ВАННАҲОРО МЕХАРАМ. ТЕЛ.: 985-79-07-00, 883-07-07-00

КОНДИТСИОНЕРҲО, ЯХДОНҲО, ҚОЛИНҲО, КАТҲОИ 2-ҚАБАТА, ДАРУ ТИРЕЗА, ГАРНИТУРИ ХОБ ВА ОШХОНА, ЗАРФҲО, ҚОЛИНҲО, МЕБЕЛИ МУЛОИМ (ТРОЙКИ), ҶЕВОНҲО (СТЕНКИ), ВАННАҲОРО МЕХАРАМ. ТЕЛ.: 985-74-54-24, 919-30-39-32

ҚАДРДОНӢ

ҶОИЗАИ ПУЛИИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН БА ВАРЗИШГАРОН

Дар Душанбе маросими тақдими мукофотпулиҳои Президенти Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқоти байналмилалӣ дар соли 2025 баргузор шуд.



Аз фонди Президенти Тоҷикистон барои қадрдонии ғолибону ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ва мураббиёни онҳо 2 миллиону 40 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид. Ин маблағ ба 67 варзишгар аз рӯйи 8 намуди варзиш, аз ҷумла куштии ҷудо, куштии тарзи озод, куштии юнонӣ-румӣ, муштзанӣ, қаиқронӣ, таэквандо, самбо ва кикбоксинг тақдим шуд. Тибқи иттилои расмӣ, барои як варзишгар вобаста ба натиҷаи варзишӣ то 150 000 сомонӣ тақдим гардид.

Эмомалӣ Нуралӣ, ҷудокори шинохта барои дарёфти нишони нуқра дар вазни 66 кг (Будапешт, 13-20-уми июни соли 2025) 150 ҳазор сомонӣ ва мураббияш 30 ҳазор сомонӣ мукофотпулӣ гирифтанд. Ғайр аз ин, барои нишони нуқра дар Чемпионати Осиё дар Бангкок (25-28-уми апрели соли гузашта) ба варзишгар боз 25 000 сомонии дигар ва ба мураббиаш 5 000 сомонӣ тақдим шуд.

Хусравхон Раҳимов, муштзани тоҷик барои дарёфти нишони нуқра дар Чемпионати ҷаҳон дар вазни 57 кг (Дубай, 2-13-уми декабри соли 2025) бо 150 000 сомонӣ қадрдонӣ шуд.

Дорандагони нишонҳои биринҷии Чемпионати ҷаҳон Обид Ҷебов (66 кг) ва Темур Раҳимов (+100 кг), муштзан Акмал Убайдов (60 кг) ҳар кадоме соҳиби 100 000 сомонӣ шуданд. Ҳамчунин, Темур Раҳимов барои нишони нуқраи Чемпионати Осиё соҳиби 50 000 сомонии дигар шуд.

Дорандагони нишонҳои нуқраи Чемпионати Осиё Виктор Рассадин, куштигири тарзи озод ва Сомон Маҳмадбеков, ҷудокор соҳиби 50 000 сомонӣ шуданд. Дорандагони нишонҳои биринҷии Чемпионати Осиё Магомед Евлоев, ҷудокорон Муҳаммадсолеҳ Қувватов, Абӯбакр Шеров, Ҷаҳонгир Мачидов, инчунин, қаиқронҳо Шаҳриёр Даминов ва Амир Бобоҷонов ҳар кадоме бо 25 000 сомонӣ мукофотпулӣ қадрдонӣ шуданд.

Ҳамчунин, варзишгарони ҷавон Муҳиддин Асадуллоев барои нишони тилои Чемпионати ҷаҳон миёни ҷавонон (Лима, октябри соли 2025) 50 000 сомонӣ ва Лоиқ Қутбиддинов барои нишони нуқраи Чемпионати ҷаҳон миёни наврасон 37 500 сомонӣ гирифтанд. Муҳаммадӣ Рачабов, қаиқрон барои ду нишони тило ва як нуқраи Чемпионати Осиё миёни ҷавонон, инчунин нишони биринҷии Чемпионати ҷаҳон дар қаиқронронӣ дар маҷмуъ 75 000 сомонӣ, Бахтовар Примқулов, Шоҳҷаҳон Бобоев, Ғаниҷони Шероз, куштигирони тоҷик, Мадина Қурбонзода ва Рошид Неъматов, ҷудокорони тоҷик, Алишерхудо Холов, Абӯбакр Ғафуров ва Анӯшервон Фозилов, муштзанҳои тоҷик барои гирифтани нишонҳои тилои Чемпионати Осиё миёни наврасон ҳар кадоме 18 750 сомонӣ гирифтанд. Дорандагони нишонҳои нуқраи Чемпионати Осиё миёни наврасон ва ҷавонон бо 12 500 сомонӣ, нишонҳои биринҷӣ 6 250 сомонӣ сарфароз гардонида шуданд. Ҳамчунин миёни варзишгароне, ки мукофотпулӣ гирифтанд, намоядагони риштаҳои муштзанӣ, ҷудо, куштии тарзи озод ва юнониву румӣ, таэквондо ва қаиқронӣ низ ҳузур доранд.

ҶОМИ РУШД

НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН ПАНҶУМ ШУДАНД

Дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон (U-16) зери роҳбарии Ҷаъфар Ахмедов дар мусобиқаи байналмилалии «Ҷоми рушд-2026», ки дар шаҳри Минск баргузор шуд, зинаи панҷумро касб кард.



Дар марҳилаи гурӯҳии мусобиқа наврасони Тоҷикистон дастаи Минскро (1:0) мағлуб карда, аз дастаҳои наврасони Беларус (1:6) ва Қазоқистон (1:3) шикаст хӯрданд. Дар рақобат барои ҷойи панҷум дастаи мунтахаби наврасони то 16-солаи Тоҷикистон бар дастаи Озарбойҷон (U-17) бо ҳисоби 1:0 ғолиб омад.

Иштирок дар «Ҷоми рушд-2026» ба дастаи наврасони то 16-солаи Тоҷикистон имкон дод, ки таҷрибаи байналмилалӣ касб карда, малакаашро сайқал диҳад ва омодагиро ба мусобиқаҳои расмии дарпешистода идома диҳад. Дастаи Тоҷикистон дар ин мусобиқа соли 2021-ум унвони чемпиониро соҳиб шуда буд.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

ТАҚВИМИ ДУ ДАВРИ АВВАЛИ БОЗИҲОИ ЛИГАИ ОЛИИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН



Лигаи футболи Тоҷикистон тақвими бозиҳои Чемпионати Тоҷикистон-2026 байни дастаҳои Лигаи олиро тасдиқ кард.

Мавсими 35-уми Чемпионати Тоҷикистон рӯзи 6-уми март оғоз мешавад. Мавсими нави Лигаи олӣ дар ду марҳила бо ширкати 12 даста баргузор мешавад. Дар маҷмуъ ҳар як даста 22 бозӣ анҷом медиҳад.

Марҳилаи аввал

Даври 1

6-уми март: *«Регар-ТадАЗ» - «Равшан», «Ҳосилот» - КМВА.*

7-уми март: *«Истиқлол» - «Сардор», «Хуҷанд» - «Эсхата».*

8-уми март: *«Парвоз» - «Истаравшан», «Вахш» - «Барқчӣ».*

Даври 2

13-уми март: *КМВА - «Хуҷанд», «Сардор» - «Парвоз».*

14-уми март: *«Эсхата» - «Вахш», «Регар-ТадАЗ» - «Истиқлол».*

15-уми март: *«Равшан» - «Барқчӣ», «Истаравшан» - «Ҳосилот».*

17-18-уми март - *Рӯзҳои захиравӣ.*

23-31-уми март - *Рӯзҳои FIFA.*

23-31-уми март - *Ҷамъомади тамринии дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон.*

Бозии интихобии Ҷоми Осиё-2027

Гурӯҳи «А». *Даври 6. 31-уми март: Тоҷикиситон - Филиппин, Варзишгоҳи марказии Ҳисор.*

РЕЗААХБОР



Дастаи мунтахаби бонувони футболбози Тоҷикистон таҳти роҳбарии сармураббӣ Мубин Эргашев рӯзи 27-уми феврал ба шаҳри Дубай сафар мекунад. Дар он ҷо бонувони тоҷик бо тими миллии Амороти Муттаҳидаи Араб ду бозии дӯстона анҷом медиҳанд. Воҳӯриҳо рӯзҳои 1 ва 5-уми март баргузор мешаванд.

***

Дастаи мунтахаби наврасони то 17-солаи Тоҷикистон таҳти роҳбарии Далер Каёсов дар мусобиқаи байналмилалии «Prayer for Peace; Hiroshima International Youth Soccer Games» дар Ҳирошимаи Ҷопон ширкат кард. Наврасони Тоҷикистон бо Академияи «Санфреччe Ҳирошима» мусовӣ (2:2) бозӣ карда, аз дастаи мунтахаби наврасони Ҷопон (0:1) ва дастаи музофоти Ҳирошима (0:2) шикаст хӯрданд.

***

Дастаи Норвегия дар Бозиҳои олимпии зимистона, ки дар Милан ва Кортина-д'Ампетсо баргузор шуд, бо 18 нишони тило, 12 нуқра ва 11 биринҷӣ (ҳамагӣ 41 нишон) мақоми аввалро ишғол кард. Ин рекорд аз рӯи шумораи тило ва шумораи умумии ҷоизаҳо ба ҳисоб меравад. Дар зинаи дуюм ИМА қарор гирифт (12 тило, 12 нуқра, 9 биринҷӣ), ҷойи сеюм насиби Нидерланд шуд (10 тило, 7 нуқра, 3 биринҷӣ). Мизбони Бозиҳо Итолиё бо 10 тило, 6 нуқра ва 14 биринҷӣ дар ҷойи чорум қарор гирифт.

***

Понздаҳумин мусобиқаи Ҷоми ФФТ бо пирӯзии «Ҳулбук» бо роҳбарии Маҳмадҷон Ҳабибуллоев анҷом ёфт. Дар бозии ниҳоӣ «Барқчӣ»-и Ҳисор ва «Ҳулбук»-и Восеъ рақобат карданд. Тими «Барқчӣ» дар аввали вохӯрӣ бо ҳисоби 2:0 пешсаф буд, аммо «Ҳулбук» тавонист мусовӣ кунад. Пас аз анҷоми вақти асосӣ силсилаи пеналтӣ таъйин шуд, ки «Ҳулбук» бо ҳисоби 4:2 ғолиб омад. Ҳамин тавр, ин даста бори аввал дар таърихи худ ҷоизаи Ҷоми ФФТ-ро ба даст оварад.



АЙБ

Дузде дар автобус даст ба кисаи марде мебарад. Мард дарҳол инро эҳсос намуда, дасти дуздро меқападу мегӯяд:

- Айба намедонӣ, дуздӣ мекунӣ?

Дузд дар ҷавоб мегӯяд:

- Ту худат айба намедонӣ, як мардаки калон дар кисаат 5 сомонӣ ҳам надорӣ?

ХИТОЙӢ

Марди тоҷике бо як хитойӣ дар корхонае ҳамроҳ кор мекарданд. Рӯзе ҳамроҳ дар ошхона хӯрок тановул мекунанд. Мард дар омади гап аз хитойӣ мепурсад:

- Гӯш кун, Чан, вақте атрофиён мегӯянд, ки хитойиҳо ҳамааш якхела ҳастанду онҳоро аз якдигар фарқ карда намешавад, ту хафа намешавӣ?

Хитойӣ дар ҷавоб мегӯяд:

- Ман Чан нестам, ӯ айни ҳол дар хонаамон аст, ман занаш ҳастам.

ДАРАХТШИНОНӢ

Марде дар кӯча рафта истода чуқурӣ мекобад, аз пасаш марди дигаре чуқуриҳои кофтаи ӯро маҳкам кардан мегирад. Ин амали онҳоро роҳгузаре дида, бо ҳайрат мепурсад:

- Шумо аблаҳон чӣ кор мекунед? Яке чуқурӣ мекобаду дуюмӣ онро маҳкам мекунад?

Марди дуюм дар ҷавоб мегӯяд:

- Ман дуюм нестам, ман сеюмам. Коргари дуюмамон ба кор набаромадааст, ӯ бояд ба ин сӯрохиҳо дарахт мешинонд.

ТАБАССУМИ ҲАМСОЯ

Зан ба шавҳар мегӯяд:

- Гӯш кун, Карим, барои чӣ ҳамсоязан ҳар бори вохӯриямон ба ман табассум мекардагӣ шудааст?

Шавҳар дар ҷавоб:

- Ман аз куҷо медонам?!

Зан ин дафъа мегӯяд:

- Карим, дониста мон, агар ман фаҳмам, ки ҳамсоязан ба хотири ту сӯям табассум мекунад, пас, коре мекунам, ки тамоми мардони бинои истиқоматиямон сӯйи ту табассум мекунанд.

ТОҚАТ

Ду мард дар дохили мошин дар ҳавои гарми тобистон бо тирезаҳои маҳкам мераванд. Ҳавои мошин чунон гарм аст, ки тоқат кардан ғайриимкон аст. Мусофир ба ронанда мегӯяд:

- Дӯстам, тирезаро кушо, охир, нафасам гирифт...

Ронанда дар ҷавоб мегӯяд:

- Тоқат кун, чӯра, бигзор ҳама фикр кунанд, ки мо ҳам кондитсионер дорем!

НАВБАТ

Дар назди утоқи кории духтури занона навбат хеле калон аст. Зане давида омада, ба нафарони дар навбат истода мегӯяд:

- Ман танҳо як чизро пурсида мебароям!

Нафарони дар навбат буда хитоб мекунанд:

- Хайр чӣ? Мо ҳам фақат як чизро нишон медиҳему мебароем!

ПУРСИШ

Духтаре аз дугонааш мепурсад:

- Гуландом, тасаввур кун, ки ду мард дар об ғарқ мешаванд. Якеашро ту дӯст медориву дигараш туро дӯст медорад. Кадомашро наҷот медиҳӣ?

Гуландом дар ҷавоб:

- Чӣ онҳо девонаанд, ки якҷоя даруни об даромадаанд?

САНГ

Марде ҳамроҳи писараш ба сари қабри хушдоманаш мераванд. Писарак мепурсад:

- Дада, барои чӣ дар қабри бибиям ин қадар санги калон гузошта шудааст?

Падар дар ҷавоб:

- Барои он ки ба берун баромада натавонад, бачем.

ЗАБОН

Зане назди духтур барои муоина меравад. Духтур мегӯяд:

- Дил, шуш, гурда ва меъдаи шумо солим аст. Ҳоло бигзоред ҷоеро муоина кунам, ки фитна ба олам задаву дунёро ба оташ кашонидааст. Зан ҳамин ки домани худро боло мекард, духтур гуфт:

- Чӣ кор мекунед? Ман забонатонро дар назар дорам.

УМЕДВОРӢ

Омӯзгор ба донишҷӯён мегӯяд:

- Умедворам, ки дар имтиҳони имрӯза рӯбардор кардани шуморо намебинам.

Донишҷӯён дар ҷавоб:

- Мо ҳам умедворем, устод.

МИЁНАРАВ

Пиразане ба набераш дуо медиҳад:

- Худо ба ту як шавҳари бою бадавлат диҳад.

Набера дар ҷавоб:

- Бибичон, дуо кунед, ки худам бой шавам...

Пиразан мегӯяд:

- О шавҳарат бой бошад, аз ҳисобаш хӯрда мегардӣ-дия.

Набера мегӯяд:

- Не, бибичон, миёни ману пул миёнарав даркор нест!

НОБОВАРӢ

Падар аз писараш мепурсад:

- Ман ба ту даҳ дона себ медиҳаму сетояшро гашта мегирам. Дар дасти ту чӣ мемонад?

Писар дар ҷавоб:

- Нобоварӣ...

ВАЪДА

Дар толори суд аз ҷинояткор мепурсанд:

- Умедворем шумо хеле хуб медонед, ки барои додани нишондодҳои бардурӯғ шуморо чӣ интизор аст?

Ҷинояткор мегӯяд:

- Бале, BMW ваъда кардан...

НАФАҚА

Марде аз рафиқонаш мепурсад:

- Шумо ба ман фаҳмонед, ки барои чӣ духтури ҷарроҳ бояд дар синни 65 ба нафақа барояду корманди БДА дар 43-солагӣ?

Рафиқонаш мегӯянд:

- Барои он ки баъди 43-солагӣ корманди БДА дар мошин намеғунҷад.

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

